*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 41 (12369)
13 октябри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ҶАМЪБАСТИ НУҲМОҲА

## Комёбиҳоро бояд афзун кард



**Гузориш аз ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорат дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо то охири соли равон**

***10-уми октябри соли ҷорӣ дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо то охири сол» баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони Вазорати мудофиа, Академияи миллии илмҳо, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм, сардорону кормандони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарону кормандони муассисаҳои тобеъ, сардорони сарраёсат, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, директорону ректорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, директорони мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе иштирок намуданд.***

Ҷаласа бо садо додани Суруди миллӣ ифтитоҳ гардида, сипас ҳисоботи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2022 ва вазифаҳо то охири сол» шунида шуд.

- Мову шумо ҳанӯз ҳам тахти таассуроти амиқи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ироа гардиданд, инчунин, Паёми табрикии Пешвои муаззами миллат, ки дар таърихи соҳибистиқлолии кишвар бори аввал бахшида ба Рӯзи омӯзгорон дар рӯзи таҷлили бошукӯҳи ин ҷашн садо дод, қарор дорем. Ин таваҷҷуҳи Роҳбари олии мамлакат мову шумо, масъулини соҳаро водор месозад, ки дар татбиқи ҳамаҷониба ва густариши ин соҳаи афзалиятноки мамлакат масъулияти баланд нишон дода, рисолати касбии худро дар назди ҷомеа ва давлату миллат содиқона ва поквиҷдонона иҷро намоем, то соҳаи маориф ва илм рушд кунад, мақоми омӯзгор ва сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардошта шавад,-зикр кард вазири маориф ва илм Р.Саидзода.

Дар идома иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади иҷрои дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҷдиди назар намудани стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак аз таваллуд то 7-сола таҷдиди назар гардида, бори аввал нақшаҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, таъмини шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 дар марҳилаи якум барои солҳои 2022-2024 таҳия, бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

• ДАР ИН ШУМОРА: •

Анҷумани ҳафтуми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ дар Остона саҳ. 4
Ҳазар аз фитнаи бадгавҳарон саҳ. 5
Шод бошед, ки ҷашни Меҳргон омад! саҳ. 6
Забонро покиза нигоҳ дорем саҳ. 11
Сифати китоби дарсиро такмил бояд дод саҳ. 12
Асаре дар бораи ҳаёту мамоти инсон саҳ. 13
Порсомардест дар мулки адаб саҳ. 14
Ҳавзаи адабии Раштонзамин саҳ. 15

**Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023**

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам

СУРАТҲИСОБИ МО

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

*Бо ақл пирӯз шав, на бо зӯр.*
Биант



ҶАМЪБАСТИ НУҲМОҲА

# Комёбиҳоро бояд афзун кард

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 22 муассисаи томактабӣ (Душанбе 7, Суғд 7, Хатлон 6 ва НТҶ 2 муассиса) таъсис дода шуд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 718 муассисаи томактабӣ (Суғд-285, Хатлон-165, Душанбе-157, НТҶ-85 ва ВМКБ-26) фаъолият менамоянд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 (696) 22 муассиса бештар мебошад.

Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ 1810 маркази инкишофи кӯдак (Душанбе-17, НТҶ-277, ВМКБ-284, Суғд-382, Хатлон-850) фаъолият менамоянд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 (1764) 46 адад зиёд мебошад. Дар микёси ҷумҳурӣ 70 маркази хусусии инкишофи кӯдак ҳамчун шакли дигари фарогирии кӯдакони синни томактабӣ бо ҷалби 1562 кӯдак амал мекунад.

Дар доираи иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 940 кати хоб, 470 ҷуфт мизу курсии кӯдакона, 470 ҷевон барои либоси кӯдакон, 188 ҷевон барои бозича, 94 мизу курсӣ барои мураббиён харидорӣ ва дастраси муассисаҳо гардонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 таҳия карда шуд, ки пас аз мувофиқа бо мақомотҳои дахлдор бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Дар соли таҳсили 2021-2022 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3940 адад буда, шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 128827 нафар (80170 зан), аз ҷумла дар ВМКБ 5 572 нафар (3 458 зан), вилояти Хатлон 46227 нафар (26004 зан), вилояти Суғд 39515 (26520 зан) нафар, шаҳри Душанбе 11213 (8716 зан) нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 26 300 (15472 зан) нафарро ташкил дод.

Соли равон, барои зинаҳои 2-юм ва 3-юми таҳсилот 24 олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ, аз ҷумла, 13 олимпиада аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ва 11 олимпиада аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузаронида шуд. Дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳо 6530 нафар хонанда иштирок намуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 2287 нафар зиёд мебошад.

Соли 2022 5745 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар 27 олимпиадаи фаннии бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 1585 медал (259 медали тилло, 593 медали нуқра ва 733 медали биринҷӣ) гардиданд, ки нисбат ба соли 2021 938 ҷойи ифтихорӣ зиёд мебошад.

Дар мавсими тобистони соли 2022 дар ҷумҳурӣ 3217 истироҳатгоҳ, аз ҷумла 33 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ, 1478 истироҳатгоҳи наздимактабӣ, 387 истироҳатгоҳи меҳнатӣ, 968 истироҳатгоҳи таълимӣ, 246 истироҳатгоҳи варзишӣ-беҳдоштӣ, 10 истироҳатгоҳи наздиинтернатӣ ва 103 истироҳатгоҳи томактабӣ фаъолият намуда, 259242 нафар кӯдакону наврасон ба истироҳат ҷалб карда шуданд.

Дар ҷумҳурӣ 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 83 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият менамоянд, ки соли таҳсили 2021-2022 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 9925 нафар хатмкунанда 8296 нафар (83,6 %) ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 26695 нафар 26335 нафар (98,6 %) муассисаҳои таълимиро хатм намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ озмуни довталабони квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 62 шаҳру ноҳияи кишвар баргузор гардид.



Яке аз масъалаи муҳим барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин қабули довталабон ба муассисаи таълимӣ дар соли таҳсили 2022-2023 ба шумор меравад. Дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ барои соли таҳсили 2022-2023 тибқи нақшаи қабул ба 39 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 66 ҳазору 668 ҷой ҷудо гардидааст. Айни замон, дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, дар маҷмуъ, 41 367 нафар донишҷӯ қабул гардид, ки 62 фоизи нақшаи қабулро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ озмуни Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҷамъбаст гардида, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15 нафар ғолиби озмун ба ҷоизаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ 3435 нафар кадрҳои илмӣ фаъолият намуданд, ки аз онҳо 706 нафар доктори илм - 21% (аз ин 127 нафар занон – 3,7%) ва 2729 нафар номзади илм - 79% (аз ин 957 нафар занон – 28%) мебошанд. Вале шумораи олимони ҷавони то 35-солаи дорои дараҷа ва унвони илмӣ қонеъкунанда набуда, ҳамагӣ 286 нафар – 8,3% (аз ин 56 нафар занон – 1,6%)-ро ташкил медиҳад.

Дар нуҳ моҳи соли 2022 тавассути 63 шурои диссертатсионӣ 275 диссертатсия ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуд, ки аз он 224 диссертатсия тасдиқ гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ айни ҳол 18 шурои дессертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия фаъолият менамоянд, ки дар ин шуроҳо 16 нафар рисолаи докторӣ ва 66 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд.

Ҳамасола ҷиҳати бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷониби сарраёсат, раёсатҳо ва шуъбаву бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба вазорат дархост пешниҳод мегардад. Эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои соли таҳсили 2022-2023 ба 3406 нафар пешниҳод гардида буд.

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо омӯзгорони ҷавон фармоиши вазири маориф ва илм ба тасвиб расид. Тибқи маълумоти омории пешниҳоднамудаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ соли 2022 муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо равияи омӯзгории гурӯҳҳои буҷавӣ 7153 (миёнаи касбӣ 1830, олии касбӣ 5323) нафар хатм намуданд.

Вобаста ба эҳтиёҷоти кадрӣ тақсимоти мутахассисони ҷавон гузаронида шуд, ки ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 4347 нафар хатмкунандаи равияи омӯзгорӣ 3142 нафар бо маълумоти таҳсилоти олии касбӣ ва 1205 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ бо роҳхати вазорат сафарбар карда шуданд.



Дар натиҷаи андешидани чораҳои саривақтӣ айни замон норасоии кадрҳои омӯзгорӣ аз 3406 нафар ба ҳолати 30.09.2022 ба 351 нафар расонида шуд.

Яке аз падидаҳои дурахшон дар самти робитаҳои байналмилалӣ ифтитоҳи панҷ мактаби русӣ бо иштироки сарони ду кишвар: Эмомалӣ Раҳмон-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Владимир Путин-Президенти Федератсияи Россия мебошад.

Дар ин давра ҷаласаҳои комиссияҳои байниҳукуматии Тоҷикистон бо кишварҳои Арабистони Саудӣ, Озарбойҷон, Россия, Беларус, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Кувайт гузаронида шуданд. Ҳамзамон, вобаста ба иҷрои муқаррароти протоколҳои байниҳукуматии Тоҷикистон бо кишварҳои Россия, Қазоқистон, Украина, Беларус, Туркия, Япония, Корея, Ӯзбекистон, Венгрия Покистон, Эрон, Австрия Туркманистон, Ҳиндустон як қатор чораҳои амалӣ андешида шуд.

Рушди устувори соҳаи маориф ва самаранокии ислоҳоте, ки дар соҳаи маориф гузаронида шуда истодааст, аз афзоши маблағгузории он вобастагӣ дорад. Соли 2022 барои соҳаи маориф 6 млр. 304 млн. 25 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2021 11,3 % зиёд мебошад.

Дар ин давра, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 151 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 35031 ҷойи нишаст дар як баст сохта ба истифода дода шуд. Ҳамзамон, ба маблағи 21 млн. 200 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуд, ки нисбати нақшаи нуҳмоҳа 98,14% ва нисбат ба нақшаи солона 70,6%-ро ташкил медиҳад.

Дар идомаи маърӯзаи ҳисоботӣ вазири маориф ва илм Р.Саидзода фаъолияти вазорат ва зерсохторҳоро дар самти аудит ва санҷишҳои аудитӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ ва омодагии муассисаҳои таълимӣ ба фасли зимистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Маркази матбуотро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор дод. Дар охир таъкид дошт, ки гарчанде дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои тобеъ, сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳия, муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат оид ба рушди босамари низоми маорифи мамлакат, мушкилоту норасоиҳои зиёде ҳанӯз ҷой доранд ва ҷиҳати иҷрову бартараф кардани онҳо аз ҳар кадоми мо масъулияти баландро тақозо дорад.

Дар идома, Аминҷон Мирзоқанд-сардори раёсати маорифи ВМКБ, Алмос Шоҳиён–ректори Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Гулхумор Ҳусейнзода – директори Коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ ва Наҷмиддин Зайниддинзода – директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ба музокира баромада, фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар нуҳ моҳи соли 2022 қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа М.Абдуллозода доир ба масъалаҳои бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, фарогирии кӯдакон ба муассисаҳо, баланд бардоштани сифати таълим, бартараф намудани норасоии кадрию китобҳои дарсӣ, иҷрои саривақтии барномаҳои давлатӣ, таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, теъдоди омӯзгорону кормандони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ва чанде дигар андешаронӣ карда, таклифу пешниҳодҳои судманд манзур намуд.

Ҷаласаро вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Саидзода ҷамъбаст намуда, вобаста ба масъалаи баррасишуда ва таклифу пешниҳодҳои ироашуда қарори дахлдор қабул гардид.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

**Соли ҷорӣ 151 мактаб ва дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 35031 ҷойи нишаст бинои иловагӣ сохта шудааст.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Забон ҳастии миллат аст

***Бо ибтикори Вазорати маориф ва илм 5–уми октябри соли ҷорӣ дар толори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Забони миллат – ҳастии миллат” баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовини якуми вазир Ҷамшед Ҷӯразода, муовини вазир Шукрулло Хайрзода, сардорони раёсат, шуъба, бахш ва кормандони дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони***



***муассисаҳои тобеъ ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос иштирок намуданд.***

Вазири маориф ва илм Р. Саидзода зимни сухани табрикотии худ аз таърих ва мақоми забони тоҷикӣ ёдовар шуда, зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати пешгирифтаи худ соҳаи маорифро пайваста дар мадди аввал қарор додаанд ва имрӯз дастовардҳои бузурги илмӣ маҳз тавассути забони миллӣ эҷод ва муаррифӣ мешаванд.

Дар идома Дилмурод Ҳомидов, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Забони тоҷикӣ дар замони соҳибистиқлолӣ” ва Мунаввара Усмонова, номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар мавзуи “Ҷойгоҳи забони давлатӣ дар пешрафти низоми илму маориф” маърўза намуданд.

Таъкид гардид, ки соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид ва ҳамасола 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар кишвари азизамон таҷлил мешавад.

Тадбиру чорабиниҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон имрӯз ба он равона шуда истодааст, ки забони тоҷикӣ дар мақоми забони илм қарор дода шавад. Муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки барои ташаккули забони тоҷикӣ хамчун забони илм ва рушду танзими истилоҳоти илмӣ тадбирҳои муассир андешанд. Пеш аз ҳама, навиштан ва нашри китобҳои дарсӣ барои хонандагону донишҷӯён дар асоси забони нобӣ содаю равони тоҷикӣ ва забони илмӣ бояд ба раванди доимӣ табдил ёбад. Дар баробари ин, боло бурдани сатҳи фарҳанги забондонӣ вазифаи асосии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба таълими он бояд бо истифода аз усулу имкониятҳои замони ҳозираи илму техника ва технологияи нав бештар диққат дода шавад ва барои ташкили муҳити забонӣ шароит фароҳам оварда шавад.

# Иқдоми наҷиб

Бо мақсади беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, азхудкунии имкониятҳои нави технологияи иттилоотӣ аз ҷониби раиси ноҳияи Мастчоҳ ба муассисаҳои таълимӣ беш аз 120 таҷҳизоти муосири хониш, аз қабили тахтаҳои электронӣ – 34 адад, проекторҳои мултимедиявӣ – 34 адад, ноутбукҳои нави замонавӣ – 34 адад, компютер – 30 адад ва мизу курсӣ барои 800 ҷойи нишаст тақдим карда шуд.

Дар тақсимоти таҷҳизоти мазкур, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия баргузор шуд, раиси ноҳия Аъзам Ализода иштирок намуда, ба ҳар як директори муассиса як ададӣ аз ҳар намуд таҷҳизоти замонавиро тақдим кард.

Раиси ноҳия, ҳамчунин, бо мақсади беҳтар нигоҳ доштани биноҳои муассисаҳои таълимӣ зикр намуд, ки бо дастгирии соҳибкорон, ашхоси хайрхоҳу саховатпеша беш аз 10 ҳазор адад шифер барои нав кардани болопӯши мактабҳо харидорӣ шуда, рӯзҳои наздик тақсимоти он низ огоз гардида, боми ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия нав карда мешавад.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА, “Омӯзгор”*

***11-уми октябри соли ҷорӣ дар заминаи ҳамкориҳои дӯстонаи ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Беларус дар шаҳри Душанбе Форуми соҳибкорони Тоҷикистон ва Беларус доир гардид. Дар он роҳбарияти сохторҳои дипломатӣ ва масъулини самтҳои кишоварзӣ, саноату***

# Рушди ҳамкориҳои мактабҳои олии Тоҷикистону Беларус



***соҳибкорӣ ва маориф иштирок намуданд. Зимни баргузории форум ҷонибҳо доир ба имкониятҳои сармоягузорӣ, ҳамкорӣ дар рушди соҳибкорӣ ва такмили ҳамкориҳои иқтисодию соҳибкорӣ суханронӣ намуданд. Зикр гардид, ки ҳамкориҳои иқтисодию соҳибкорӣ Тоҷикистону Беларус дар ҳоли рушд қарор дорад.***

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани ҳамкориҳои дуҷониба имрӯз дар заминаи форуми мазкур миёни сохторҳои мухталифи Тоҷикистон ва Беларус созишномаҳо ба имзо расиданд.

Аз ҷумла, миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Беларус - Донишгоҳи давлатии информатика ва радиоэлектроникаи Беларус, Донишгоҳи миллии техникии Беларус, Донишгоҳи давлатии технологии Беларус, Донишгоҳи давлатии техникии Брест, Донишгоҳи давлатии Брест ба номи А. С. Пушкин, Донишгоҳи давлатии техникии Гомел ба номи П. О. Сухов, Донишгоҳи давлатии Гродно ба номи Я. Купала ва Донишгоҳи давлатии лингвистикии Минск созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд.

Инчунин, таъкид гардид, ки дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба зиёда аз 90 шартномаву созишномаҳо миёни Тоҷикистону Беларус ба имзо расидаанд, ки онҳо дар самти ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои сиёсат, тиҷорат, иқтисод, фарҳанг, маориф ва ғайра мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамчунин, дар заминаи Форуми соҳибкорони Тоҷикистон ва Беларус Намоишгоҳи маҳсулоти ширкатҳои Беларус дар Тоҷикистон ташкил шуд, ки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ва вазири маорифи Ҷумҳурии Беларус Андрей Иванетс аз он дидан намуданд.

# Сафари кории вазири маориф ва илм

***Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро зимни сафари кории худ ба вилояти Суғд аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии зарардида дар муноқишаи наздисарҳадии шаҳри Исфара ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дидан намуд. Баъди шиносоӣ бо ҷараёни корҳои бартарафкунӣ дар толори МТМУ №26-и Ҷамоати деҳоти Сурхи шаҳри Исфара вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо осебдидагони муноқишаи сарҳадӣ мулоқот ороста, ба аҳли оилаи аъзояшон фавтида изҳори таслият кард. Ба онҳое, ки аз ин ҳодиса талафоти молию ҷонӣ дидаанд, изҳор дошт, ки онҳо дар маркази таваҷҷуҳи Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд ва осебҳои аз ин ҳодиса рухдода саривақт бартараф карда мешаванд.***



Сипас, Саидзода Раҳим Ҳамро ба 186 нафар хонандаи муассисаҳои таълимӣ либоси зимистонаю мактабӣ, сумка, пайафзол, китобҳои бадеию дарсӣ тақдим намуд. Ба 31 нафар омӯзгори манзилашон аз ҳодиса харобгашта ба ҳар кадом 7 ҳазор сомонӣ маблағ ва ба оилаҳои аъзояшон фавтида 45 ҳазор сомонӣ маблағ супорид.

Дар МТМУ №8-и Ҷамоати деҳоти Овчиқалъачаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров низ мулоқоти вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо осебдидагони ҳодиса баргузор гашта, мавсуф ба 39 нафар хонандаи муассисаҳои таълимӣ либоси зимистонаю мактабӣ, сумка, пайафзол, китобҳои дарсию бадеӣ тақдим намуд. Ба 54 нафар омӯзгори аз ҳодиса манзилашон харобгашта 2 ҳазор сомонӣ маблағ супорида шуд. Ба сарвари оилае, ки бар асари муноқишаи марзӣ аъзои оилаашро талаф додааст, 45 ҳазор сомонӣ маблағ супурда шуд.

Инчунин, бо мақсади шиносоӣ аз вазъи таълиму тарбия ва омодагӣ ба фасли зимистон аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Варзоб, Айнӣ ва шаҳри Истаравшан дидан намуд.

Ҳангоми шиносоӣ аз вазъи таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 ба номи Бобоҷон Ғафурови ноҳияи Варзоб дар пешбурди фаъолияти таълимии муассиса баъзе мушкилоту норасоиҳо, аз қабили ба таълиму тарбия машғул будани омӯзгорони ғайритахассус, тибқи талабот нагузоштани ҷадвали дарсӣ, сари вақт пур накардани журналҳои дарсӣ, дар ҳолати корӣ қарор надоштани ҷевонҳо ва ғайра ба мушоҳида расид.

Вобаста ба ин ва дигар ҳолатҳо ба масъулини муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, мудири шуъбаи маорифи ноҳия дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Инчунин, дар рафти сафари корӣ вазири маориф ва илм аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9, деҳаи Такфони ноҳияи Айнӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24 деҳаи Оби Зулоли шаҳри Истаравшан, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 ба номи Неъмат Аминови шаҳри Истаравшан дидан намуд. Дар муассисаҳои таълимии мазкур вазир ба вазъи таълиму тарбия, норасоии омӯзгорон, ташкили маҳфилҳо, дарсҳои иловагӣ, дастраси хонандагон ва омӯзгорон гардидан ба аз худ кардани Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (400 луғат), омодагӣ ба фасли зимистон ва ғайраҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Аз ҷониби вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим Ҳамро ба масъулин ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти мавҷуда дастуру супоришҳо дода шуд. Ҳамзамон, ба кормандони дастгоҳи вазорат дастур дода шуд, ки масъалаҳои мазкур дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалии «Рейтинги Донишгоҳи АврўОсиёии IAAR (IAAR-EUR) – 2022» мақоми 4-умро ишғол намуд.

# Анҷумани ҳафтуми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ дар Остона

***4-7-уми октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Анҷумани VII-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ баргузор гардид, ки дар он аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода 13 нафар корманду омӯзгори Вазорати маориф ва илм, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок намуданд.***

Дар рӯзи якуми анҷуман дар Донишгоҳи давлатии ба номи Назарбоев ҷаласаи Шурои ҳамкорӣ дар соҳаи маорифи давлатҳои иштирокдори ИДМ баргузор гардид, ки дар он 16 масъала вобаста ба рушди ҳамкориҳои соҳаи маориф, аз ҷумла масъалаҳои дар рӯзномаи анҷуман ҷойдошта ва қарори дар Анҷумани VI-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ қабулгардида мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Инчунин, нимаи дуюми рӯз дар Мактаби байналмилалии шаҳри Остона дар мавзуи “Таҷрибаҳои тадқиқотӣ оид ба такмили ихтисоси омӯзгорон” тренинги даставӣ ва шоми он рӯз дар “Қасри сулҳ ва ризоият” барои иштирокдорони анҷуман барномаи идонаи фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид.

5-уми октябр дар Донишгоҳи давлатии ба номи Назарбоев маросими расмии ифтитоҳии Анҷумани VII-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ зери унвони “Маориф дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар воқеияти нав ва дигаргунсозии раванди таълим дар давраи пас аз пандемия” ва дар доираи анҷуман маросими ифтитоҳии Фестивали II-юми байналхалқии маҳорати педагогӣ сурат гирифт, ки кормандону омӯзгорон аз ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва Кумитаи иҷроияи ИДМ иштирок намуданд.

Зимни маросими ифтитоҳӣ (ҷаласаи пленарӣ) вазири маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон Асхат Аймагамбетов зикр кард, ки дар давраи пас аз пандемия масъалаи рақамикунонии соҳаи маориф дар мадди аввал баромада, ҳоло муҳим аст, кидар истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди машғулиятҳо ва омӯзгори воқеӣ бо диди анъанавии худ ба ҷаҳон пайдо шавад.

-Дар солҳои охир маориф ба таври назаррас тағйир ёфт, ҳодисаи пешгӯинашаванда рӯй дод: пандемия ва рушди босуръати технология. Ин барои рушди маориф дар тамоми кишварҳо меъёрҳои навро ба миён овард. Барои омӯзгорон дарк кардани он муҳим аст, ки технологияи рақамӣ барои муаллимон масъалаи нав набуда, ба онҳо дар иҷрои вазифашон кумак мерасонад,- зикр кард А. Аймагамбетов.

Раиси Кумитаи иҷроия – Котиби иҷроияи ИДМ Сергей Лебедов зикр кард, ки анҷуман на фақат воқеаи барҷаста дар ҳаёти омӯзгорону кормандон, балки як падидаи хоси ҷамъият гардид. Анҷумани VII-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ элитаи илмӣ ва таълимии кишварҳои ИДМ-ро ҷамъ овард, ки натиҷаҳои фаъолияти муштаракро ба таври дастаҷамъӣ арзёбӣ намуда, траекторияҳои имконпазири рушди фазои ягонаи таълимии Иттиҳодро дар давраи пас аз пандемия муайян мекунад.

Дар қатори намояндагони вазоратҳои маориф ва илми дигар кишварҳо муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Абдулзода суханронӣ намуда, аз ҷумла зикр кард, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа тамоми чораҳои судмандро андешида истодааст. Дар баробари ин, баъд аз пандемия таваҷҷуҳ ба рушди рақамикунонии соҳаи маориф зиёд гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 тасдиқ гардид.



Дар идома, аз ҷониби ноиби вазири маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон Каринова Шолпан Танатовна маросими ҷоизасупорӣ сурат гирифт, ки дар он омӯзгори забон ва адабиёти руси литсейи «Нурбахш»-и шаҳри Норак Мамлакат Азимова ва мураббияи муассисаи томактабии №149-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Фирӯза Ватаншоева бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи ИДМ» сарфароз гардонида шуданд.

Сипас, иштирокдорони анҷуман ва фестивал аз рӯйи мавзуъҳои иртиботманди соҳаи маориф корҳои сексиониро идома доданд, ки намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар машваратҳои гурӯҳӣ фаъолона иштирок намуданд. Аз ҷумла, дар сексияи «Таҳсилоти ба оянда нигаронидашуда: мундариҷа ва педагогика», муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С. Сафармамадзода, дар сексияи «Рушди арзишҳои умумибашарӣ дар раванди эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ, ки ба шахсият нигаронида шудааст», декани факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ф.Давлатзода ва сармутахассиси раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм М.Бобомуродов ва дар номинатсияи «Психолог/педагоги иҷтимоӣ», омӯзгори литсейи №4 барои кӯдакони болаёқати шаҳри Душанбе Ф.Ахунова дар мавзуи “Шахсият дар ҳама ҷо” бо маърӯза иштирок карданд.

6-уми октябр дар доираи анҷуман Фестивали II-юми байналхалқии маҳорати педагогӣ аз рӯйи бахш ва номинатсияҳои гуногун кори худро идома дод, ки дар он намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчиёни фаъол соҳиби Дипломи фестивал гардиданд.

Дар идома конференсияи ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо иштироки намояндагони гурӯҳи назоратии раванди Болония (BFUG), вазоратҳо ва донишгоҳҳои Осиёи Миёна баргузор гардид, ки дар он муовини вазири маориф ва илм З.Абдулзода иштирок ва суханронӣ намуд.

Дар рафти конфронс иштирокдорон, хусусан, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарурати таҳким ва рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ байни кишварҳои Осиёи Марказиро таъкид намуданд.

Боиси таъкид аст, ки дар доираи конфронси ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Осиёи Марказӣ Протоколи иловагӣ оид ба зиёд намудани теъдоди бурсияҳои таҳсилӣ (аз 50 ба 100) байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расид.

7-уми октябр Анҷумани VII-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ кори худро ҷамъбаст намуд.

Бояд зикр кард, ки баргузории анҷуманҳои омӯзгорону кормандони маорифи кишварҳои узви ИДМ дар амалияи ҷаҳонӣ ҳодисаи нодир аст. Вижагии чорабиниҳо дар он аст, ки дар он омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таълимии ҳама сатҳҳо: методистҳо, омӯзгорон ва роҳбарони донишгоҳҳо, намояндагони ташкилотҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматии кишварҳои ИДМ, роҳбарони нашриётҳои дар ин соҳа фаъолияткунанда ширкат меварзанд.

Дар ягон минтақаи дигари ҷаҳон ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ монда нашудааст, ки тамоми маҷмуи хизматрасониҳои таълимӣ, аз кӯдакӣ то роҳнамоии касбии ҷавонон, таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти калонсолонро дар бар мегирад.

Фарогирии васеи иштирокчиён аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташаккули фазои ягонаи таълимӣ дар ҳама сатҳҳо: таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, баъдидипломӣ ва академӣ идома дорад.

Низомнома дар бораи Анҷумани кормандон ва омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ, ки дар ҷаласаи Шурои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 1 июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе ба тасвиб расид, баргузории чорабинӣ, муҳтаво ва ҷанбаҳои ташкилии онро ба танзим медарорад ва манбаъҳои маблағгузории онро муайян мекунад.

Аз соли 2010 инҷониб анҷуманҳо ба таври мунтазам дар ду сол як маротиба баргузор мешавад. То ин замон, анҷуманҳо дар ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Қирғизистон ва Тоҷикистон барпо гардида буданд. Ҳамакнун, Анҷумани VII-уми омӯзгорони кишварҳои узви ИДМ дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардида, дар назар аст, ки анҷумани навбатӣ соли 2024 дар Ҷумҳурии Арманистон баргузор гардад.

# Баррасии натиҷаи санҷишҳо

***10-уми октябри соли ҷорӣ бо мақсади баррасии натиҷаи санҷиши муассисаҳои таълимии шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки дар он сардорону кормандони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарону кормандони муассисаҳои тобеъ, сардорони сарраёсат, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, директорони мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе иштирок намуданд.***

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки тибқи фармоиши вазири маориф



ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.10.2022, №1457 гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илм 8 октябри соли ҷорӣ аз муассисаҳои таҳсилоти умумии №№ 2, 8, 11, 18, 21, 34, 45 ноҳияи Шаҳринав ва №№ 5, 17, 41, 52, 59 шаҳри Ҳисор дидан намуд.

Дар рафти санҷиш масъалаҳои риояи интизоми меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омодагии омӯзгорону хонандагон ба дарс, аз ҷониби хонандагон бо худ овардани китобҳои дарсӣ, дастрасии Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, давомоти хонандагон, вазъи пур намудани журналҳои синфӣ, тозагии синфхона ва гирду атрофи муассисаҳои таълимӣ, норасоии омӯзгорон, шумораи хонандагон дар синфҳо ва муассисаҳои таълимӣ, вазъи кабинетҳои технологияи иттилоотӣ (бо нишон додани теъдоди компютерҳо, проектор, тахтаи электронӣ ва коршоямии онҳо), ҷорӣ намудани таълими равияӣ дар синфҳои 7-11 ва ғайраҳо мавриди таҳлил ва назорат қарор дода шуд.

Дар ҷаласа зимни баррасии натиҷаи санҷиши гурӯҳи корӣ ба мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Ҳисор ва Шаҳринав дастур дода шуд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда чораҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи корҳои иҷрошуда ба Вазорати маориф ва илм маълумоти мушаххас пешниҳод намоянд.

*Э. ХУШБАХТ,*
*сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

МАЗАММАТ

# Ҳазар аз фитнаи бадгавҳарон

*Ифротгароӣ дар замони муосир падидаи номатлубе гардидааст, ки хатарноктар аз офату бемориҳои сироятии ҳамагир мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки ин падида нав нест ва ҳар лаҳза имкон дорад, ки ба ҷони ҳар як сокини сайёра хатари ҷиддӣ дошта бошад.*




Барои баланд бардоштани нақши созандаи ҷавонон дар замони муосир ва таъмини амнияти динию эътиқодӣ ва қавмию мазҳабии кишвари мо омӯзиш ва дарки бештари ин масоил муҳим ва саривақтӣ аст. Маҳз ин омил боис бар он мегардад, ки оқибатҳои манфури онро ҷомеа, бахусус, насли ҷавон, ки бештар пойбанди он мегарданд, дарк намоянд. Омилҳои зиёде мавҷуданд, ки боиси ба ин роҳ бурдани ҷавонон гардидаанд, аммо муҳимтарини онҳо дар тарозуи ақли хеш насанҷидани масъала, набудани фаъолияти рӯзмарра, яъне бекорӣ ба эътиқоди нодурусти динӣ ба шумор меравад. Инчунин, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, рушди тафаккури миллӣ, таҳкими пояҳои ахлоқии ҷомеа, омилҳои дигари ҳалкунанда дар устувории умумии идеологии ҷавонон дар шароити соҳибихтиёрӣ мебошанд. Омӯзиши ин падидаҳо, пеш аз ҳама, бояд дар мактабҳои миёна ба роҳ монда шавад, чун ин мафкура аз замони наврасӣ, мутаассифона, дар шуури насли наврасу ҷавонон ҷо гирифта истодааст. Барои пешгирӣ намудани шиддати ифротгароӣ ва рафторҳои номатлуб дар байни ҷавонон дар ин баробар барномаҳоеро метавон роҳандозӣ намуд, ки пеши роҳи ин падида гирифта шавад. Аксарияти он ҷавононе, ки ба гурӯҳҳои террористӣ шомил шудаанд, дар муҳоҷират қарор доштаанд. Дониши касбию ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кофии рӯзгор надоштан, донишҳои динӣ ва дуняиашон сатҳӣ, миёни ҷавонони дар муҳоҷират қарордошта боис бар он гардидааст, ки чунин шахсон луқмаи осон ва муфти гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ мешаванд. Васила ва ё худ воситаи асосии ҷалби ҷавонон дар муҳоҷират аз ҷониби мубаллиғони гурӯҳҳои террористиву ифротгаро маҳз ваъдаи додани маблағҳои зиёд аст, ки бо ин роҳ ҷавононро ба доми худ меафтонанд ва ҳангоми ба мақсади нопоки худ расидан ваъдаҳои дар ибтидо додаашонро ба ҳеҷ ваҷҳ иҷро намекунанд. Бо гузашти вақт чун ин роҳ ва оқибатҳои он барои ҷомеа ошкор гардид, гурӯҳҳои террористиву ифротгаро дигар усулҳо, аз ҷумла, тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб кардани ҷавононро роҳандозӣ намуданд.

Тарғибу таблиғи ғояҳои ифротгароӣ, наворҳои гуногун ва даъватҳои динии хусусияти экстремистиву террористидошта дар шабакаи интернет ба роҳ монда шуд, ки ин усул ҳазорҳо ҷавонони дур аз тафаккури созандаро ба доми хеш андохт. Акнун масъалаи асосӣ ва марказӣ он аст, ки бо ин роҳи макру ҳиял аввал онҳоро ба доми хеш мекашанду барои анҷом додани амалҳое, ки паёмадҳои ногуворро ба бор меорад, роҳбаладӣ мекунанд.

Мутаассифона, имрӯз доираҳои манфиатдори хориҷӣ нисбат ба ифротгароии динӣ аз сиёсати дуҳӯра истифода мекунанд, ки ин раванд дар масъалаи пеши роҳи мубориза гирифтан ва коҳиш додани он замина мегузорад. Вазъи мураккаби минтақа ва ҷаҳон аз ҳар як ҷавони худогоҳи кишвар тақозо менамояд, ки зиракии сиёсии хешро аз даст надода, дар мубориза ба муқобили ин гуна гурӯҳҳои ифротгаро ва паҳнкунандаи ақидаи экстремистӣ заминагузор бошанд. Моро зарур аст, ки насли имрӯзаро дар рӯҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ тарбия ва ба камол расонем. Зеро қувва ва неруи асосии пешбарандаи ҳокимият дар ҳама давру замон маҳз насли ҷавони ҳар як кишвар ба шумор меравад.

***Шодонҷон СУЛТОНОВ,***
***муовини сармуҳаррири шабакаи "Садои Душанбе"***

ХАБАРҲО АЗ ВМКБ

## ДОМ ба фаъолият оғоз кард

Дар Донишгоҳи Осиёи Марказии шаҳри Хоруғ занги хониши донишҷӯёни соли таҳсили 2022-2027 оғоз ёфт.

ДОМ соли гузашта дувумин маросими хатми таҳсили донишҷӯёни соли 2022-ро баргузор намуд, ки як рӯйдоди муҳим дар ҳаёти он буд. Ин фориғуттаҳсилон бо муваффақиятҳои ба даст овардаашон, намунае барои донишҷӯёни оянда барои пайравӣ кардан мебошанд.

Умеди мо ин аст, ки фориғуттаҳсилони ДОМ ба ҳайси файласуфон, олимон, нависандагон, рӯзноманигорон, бозигарон ва ҳунармандони театру синамо оянда дар ҳирфаҳои интихобнамудаашон пешгом хоҳанд буд.

Баъдан, декани ДОМ Максим Хомяков донишҷӯёну ҳайати устодон, меҳмонони оликадрро ба ин рӯзи фирӯз табрик кард.

- Барои ман боиси хурсандист, ки дар ин ҷо, дар Хоруғ дар рӯзи аввали дарсҳои соли таҳсили 2022-23 сухан мекунам. Ман дар бораи масъалаҳои рушди Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ, ё таърихи муборизаи мо бо мушкилоти гуногун, аз ҷумла, шароити пандемияе, ки мо дар ду соли охир дар он зиндагӣ кардем, суҳбат намекунам. Мушкилиҳо зиёд буданд, аммо донишгоҳ ва Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ (МИГТД) дар ҳалли онҳо муваффақ буданд. Ин далели он аст, ки МИГТД ба як муассисаи мукаммал табдил ёфтааст, ки барои рушди минбаъда ояндаи калон дорад.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ боз як ҷанбаи хеле муҳим дорад. Он ба биниши воқеан тавонои Волоҳазрат Оғохон асос ёфтааст, то ҷомеаи универсалии донишомӯзонро ба омили асосии рушди ҷомеаҳои кӯҳистон табдил диҳад.

Ҳоло дар донишгоҳ 176 донишҷӯ аз давлатҳои Афғонистон, Покистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон таҳсил доранд.

Дар чорабинӣ, инчунин, сардори раёсати маорифи вилоят Аминҷон Мирзоқандов суханронӣ намуд.

***Ш. ПАРВИЗ***

## Дастовардҳои назарраси вилоят

Дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дар мавзуи «Рушди ВМКБ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ» конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ Комилбек Амид Ёрбек кори конфронсро оғоз бахшид.

Носирзода Умедҷон, муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз захматҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фароҳам сохтани заминаи воқеӣ барои баркарор намудани ҳукумати конститутсионӣ, таҳкими давлатдории миллӣ, рушди якнавохти тамоми минтақаҳои кишвар ёдоварӣ намуд.

Исматуллозода Фаридун, сардори шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фирӯзи Рамазон, корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба дастовардҳои замони истиқлол, воқеият ва дурнамо, ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ дар давроени соҳибистиқлолӣ маълумоти ҷолиб манзур намуданд.

***Ч.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

МАШҒУЛИЯТИ ТАРБИЯВӢ

# Дарси ватандорӣ ва ифтихор аз соҳибзабонӣ

***Суханронии навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дарси навбатии Сарвари маорифпарвари мо ба мардуми кишвар, хоса барои мо – омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик буд.***

Дарсе саршор аз маънӣ, дарсе иборат аз зикри мақому манзалати забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ ва вазъи иҷрои Қонуни забон дар кишвар. Дарсе, ки масъулияти мо – омӯзгоронро дар масъалаи риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ зиёдтар намуд. Водорамон кард, ки мо, омӯзгорон, чун посдорони асолати забони ноби тоҷикӣ на танҳо худ, балки шогирдон ва ҷомеаи Тоҷикистонро низ дар ҷодаи бо забони тоҷикӣ шоиста ҳарф задан тарбия намоем, мақоми забони модарии худро дар сатҳи ҷаҳон ҳифз созем. Хоса дар замоне, ки фарҳангу забонҳои бегона нуфузи бештар пайдо карда истодаанд, иҷрои ин амр ва рисолати ватандорӣ барои мо қарз аст, зеро Пешвои миллат забони ширину шевои тоҷикиро муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақоми умри миллати куҳанбунёди мо унвон намуданд. Бо дарки ин маънӣ, мо бояд талош намоем, ки садсолаҳои дигар забони тоҷикии худро дар марҳалаи бунёдии давлатдории миллиямон соҳибрисолат нигаҳ дорем.

Дар машғулияти тарбиявие, ки баъди суханронии Пешвои миллат бо шогирдон баргузор намудем, бори дигар бо овардани абёти бузургони илму адаби тоҷик забони шоирона ва шево будани забони тоҷикиро исбот кардем.

Бардоштҳои шогирдон аз дарси тарбиявие, ки гузаштем, хушҳолам кард, зеро онҳо бори дигар дарёфтанд, ки забони тоҷикӣ гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурхи сари баланди мо – тоҷикон – яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.

Ҳамзамон, ба шогирдон таъкид намудем, ки дар замони муосир омӯхтани забонҳои хориҷӣ аз манфиат холӣ нест, вале ҳар соҳибватан қабл аз он, ки ба омӯзиши забонҳои дигар камари ҳиммат бандад, бояд дар ҳарф задан ва дарки забони модарияш маҳорати тамом дошта бошад ва ба ин васила, ба қавли шоир бароӣ "омӯхтани сад забон осон гардад". Дар робита ба ин, Пешвои миллат ба такрор зикр намуданд, ки "...ҳар як шахс ба дар навбати аввал, ҷавонон бояд ғайр аз забони давлатӣ ду забони хориҷиро дар сатҳи забони модарӣ донанд, зеро ин тақозои замони муосир мебошад".

Дар ин машғулияти тарбиявӣ зикр намудем, ки масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту таҳкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ пайваста дар маркази диққати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Манзури мо аз ифрози ин нуктаҳои Пешвои миллат дар он буд, ки забони давлатӣ дар Тоҷикистон зери ҳимояву пуштибонии мустақими давлат қарор дошта, барои рушду пешрафти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар ҳамаи шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар ин дарс ҳеҷ имкон надошт, ки дар боби бузургони илму адаби тоҷик-онҳое, ки дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ ҷонбозиҳо намудаанд, ин бахши суханронии Пешвои миллатро ба шогирдон иқтибос наорем.

Бахши дигари дарси мо, муаррифии мухтавои мухтасари фарҳангномаҳое буд, ки ба таври оммавӣ нашр ва дастрас кардани онҳоро Пешвои миллат дар суханронии хеш асоси пешрафти рушди забони тоҷикӣ унвон карданд.Аз қабили Луғати фурс» «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс–ул–луғот», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Баҳори Аҷам», «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғатнома»-и Деххудо.Чун аксарияти ин китобҳоро дар китобхонаи шахсиям доштам, ба шогирдон атрофи мухтавояшон мухтасар суҳбат намудем ва таъкид намудем, ки дар наздиктарин фурсат нусхаҳои электронии ин фарҳангҳои муътамад дар шакли электронӣ бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоиву иттилоърасонӣ ҳамагонӣ хоҳанд шуд.

Қисмати охири дарси тарбиявиро ҳамроҳи шогирдон ба васфи мақому манзалати забони тоҷикӣ бахшидем. Шогирдон бо ҳисси ифтихор аз соҳибзабонӣ ашъори адибонро дар боби забонӣ тоҷикӣ ифоданок қироат намуданд.

***Башорат БОБОЕВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №38, ноҳияи Рӯдакӣ***

Дар шаҳри Душанбе то соли 2026 сад корхонаи истеҳсолӣ бунёд мегардад.

*Бадтарин тарсуӣ он аст, ки бидонӣ чӣ бояд бикунӣ, аммо накунӣ.*
*Конфутсий*

«Омӯзгор» № 41, 13 октябри соли 2022

**Меҳргон яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми ориёинажод буда, гузаштагонамон онро ҳамчун ситоишу ниёиши Меҳр ё Митро, рамзи аҳду паймон ва дӯстиву муҳаббати ойини меҳрпарастӣ таъбир кардаанд. Меҳргон иди ҷамъоварии ҳосили рӯёндаи деҳқон, иди фаровонӣ, шодию нишот, дӯстию рафоқат, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру садоқат аст.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

СУННАТИ НИЁГОН

# Шод бошед, ки ҷашни Меҳргон омад!

***Меҳргон баъд аз Наврӯз муҳимтарин ҷашни Эрони Бостон буда, ки аз рӯзи 16-ум (Меҳррӯз) то 21-уми меҳрмоҳ тақрибан нуқтаи муқобили Наврӯз ва муқорини эътидоли харифӣ (тирамоҳӣ) ба муддати 5 рӯз бо маросими хоссе баргузор мешудааст. Рӯзи 16-ум ба Меҳргони кучак ва рӯзи 21-ум (ромрӯз) ба Меҳргони бузург маъруф будааст.***

Бино бар «Бундаҳишн», Машӣ ва Машёна дар ин рӯз таваллуд ёфтанд ва чунонки Берунӣ овардааст, дар ин рӯз Кова бар Заҳҳок хурӯҷ кард ва Фаридунро ба шоҳӣ бардошт. Ҳамчунин, дар ин рӯз Худованд заминро бигустаронид ва колбадҳоро пазирои арвоҳ сохт. Аз Салмони Форсӣ нақл кардааст, ки Худованд ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон берун овард ва чун офтоб (меҳр) дар ин рӯз пайдо шуд, онро «Митроконо» (мутааллиқ ба Меҳр) мегуфтанд, ки баъдҳо Меҳргон шуд ва муарраби он “Меҳрҷон” аст. Дар ин рӯз буд, ки Фаридунро аз шир гирифтанд ва ӯ бар гов савор шуд ва дар осмон гове аз нур падид омад, ки шохҳояш аз тилло ва поҳояш аз нуқра буд ва чархи қамарро мекашид. Ин гов соате ошкор шавад ва сипас ғойиб мегардад. Ҳар кас, ки муваффақ ба дидори ӯ шавад, дар соате, ки назар бар ӯ меафканад, дуояш мустаҷоб мегардад.



Дар Эрони қадим шодию пирӯзӣ мавҳибате худоӣ буд. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ пирӯзие барои мардум пеш меомад ва бахусус, вақте ситамгареро аз худ меронданд ва адолатро мустақар мекарданд, ба ёдгори он фатҳ ва раҳоӣ аз бедод ҷашне бузург барпо мекарданд. Бинобар ин, ин ҷашнро метавон ҷашни бозёфтани озодӣ ва раҳоӣ аз ситами бегонагон ё ҷашни пирӯзии некӣ бар бадӣ донист.

Меҳргон мисли Наврӯз маросиме дошт ва мардум дар ин рӯз барои якдигар ҳадя мефиристоданд. Дар китоби «ат-Тоҷ»-и Ҷоҳиз омадааст, ки ҳар кас ҳар чиро бештар дӯст медошт, ба султон ҳадя мекард. Агар қимати туҳфаи касе ба 10 ҳазор дирам мерасид, дар девон сабт мешуд ва вақте ҳамон шахс ба пул ниёз пайдо мекард, ду баробари он маблағро ба ӯ медоданд. Султон тоҷи зарринеро, ки тасвири хуршед бар он буд, бар сар мениҳод ва дар Наврӯзу Меҳргон бори ом медод ва ҳар кас ба ҳузур мерафт, агар шикояте дошт, рӯ дар рӯ матраҳ мекард.

Дар ин рӯз зардуштиён либоси нав мепӯшиданд ва суфраи алвон мегустарданд ва китоби «Авасто» ва ойинаву сурмадону шаробу гулоб ва... ба вижа, анор рӯйи он мечиданд. Агар навзоде дар ин рӯз мутаваллид мешуд, исми ӯро ба гунае интихоб мекарданд, ки вожаи «меҳр» дар он бошад.

Ҷашни Меҳргон ба қадре муҳим ва тарфи таваҷҷуҳ буд, ки ҳатто баъд аз Ислом ҳам аз байн нарафт ва дар даврони хулафои Аббосӣ бо шукӯҳи тамом баргузор мешуд. Аз мусаммати Манучеҳрӣ бо матлаъи:

*Шод бошед, ки ҷашни Меҳргон омад,*
*Бонгу овои дарои корвон омад.*
*Корвони Меҳргон аз Хаззарон омад,*
*Ё зи ақсои билоди Чинситон омад,*

бармеояд, ки ҳангоми ҳукумати Масъуди Ғазнавӣ (421-432 қамарӣ) ҷашни мазбур маъмул буда ва бо маросими хоссе баргузор мешудааст. «Таърихи Байҳақӣ» низ аз маросими Меҳргон дар зиқаъдаи 422 ва 427 тавсифи дақиқе ба даст додааст. Ин ҷашн дар саросари Осиёи Сағир низ мешуда ва аз он ҷо бо ойини Меҳр ба Урупо низ рафтааст. Ҷашни Меҳргонро дар Руми Қадим рӯзи зуҳури хуршед тасаввур мекардаанд, ки баъд аз нуфузи масеҳият дар Урупо рӯзи валодати Масеҳ қарор дода шудааст. Шуарои форсизабон ағлаб ҷашни Меҳргонро мешинохтаанд ва гоҳ низ худ дар замони ҳаёти хеш бо он мувоҷеҳ будаанд ва дар натиҷа ба таври васеъе дар шеърашон низ мунъакис аст:

*Меҳргон омад, ҷашни малик Афридуно,*
*Он куҷо гови наку будаш Бирмоюно.*

***(Дақиқӣ)***

Фирдавсӣ дар мавриди ба тахт нишастани Фаридун гӯяд:

*Бифармуд, то оташ афрӯхтанд,*
*Ҳама анбару заъфарон сӯхтанд.*
*Парастидани Меҳргон дини ӯст,*
*Таносоию хӯрдан ойини уст.*
*Агар ёдгор аст аз ӯ моҳи меҳр,*
*Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чеҳр.*

***

*Ба хӯйу одати обо ба ҷамъи зоирон зар деҳ,*
*Ба расму сирати аҷдод ҷашни Меҳргон май хӯр.*

***(Масъуди Саъд)***

*Меҳргони меҳрубон боз омаду асри асир,*
*Ганҷи боғу бӯстонро кард ғорат моҳи тир.*

***(Масъуди Саъд)***

*Омад хуҷаста мавсими қурбони Меҳргон,*
*Хунрези ин ба ҳам шуд бо баргрези он.*
*Бо Меҳргон чу нек фитод иттифоқи ид,*
*Хунрезу баргрез падид омад аз миён.*

***(Сӯзанӣ)***

*Шохи ӯ бе Меҳргон урён зи барг,*
*Нест андар ҷони ӯ ҷуз бими марг.*

***(Иқбол)***

Меҳргонро ойину одобе муфассал буда ва дар давраҳои мухталиф бо тартиби хоссе баргузор мешудааст. Аҳаммияти Меҳргон бадон ҳад буда, ки бархе онро бар Наврӯз тарҷеҳ ниҳодаанд. Ойинҳо ва маросими Меҳргон то ҳамин давраҳои ахир дар бахшҳое аз Эрон, аз ҷумла, Хуросон барқарор будаанд.

***Аз китоби “Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ”***

# Иди файзу эҳсон

**Аз ниёгони соҳибхираду маърифатпарварамон ба мо дар баробари осори моддиву маънавии фаровон боз расму оине ба мерос мондаанд, ки хеле рангину пурмуҳтавоянд ва яке аз онҳо Меҳргон ном дорад. Ин ҷашн домани васеъ дошта, маъмулан дар доираи тирамоҳ пас аз фориғ шудани кишоварзон аз гирдоварии ҳосил таҷлил мешавад. Дар тавсифу ситоиши Меҳргон аҳли адаб ҳикояту ривоят шеъру қитъаҳои зиёд гуфтаанд. Ин ду байт аз Манучеҳрии Домғонист:**

*Меҳргон омад, ҳон, дар бикушоедаш,*
*Андар ореду тавозуъ бинамоедаш.*

Меҳргон бо таърихи тӯлонии худ дар байни мардуми ориёинажод ҳамчун ҷашни меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқати одамон, тантанаи пурнишот аз ҳосили фаровон, рамзи некию накукорӣ таҷлил мешавад. Дар сарчашмаҳои бостонии таърихӣ Меҳргон бо номҳои Митракона ва Митра зикр гардидааст. Ин ҷашни бошукӯҳ аслан бо кишоварзӣ ва кори пурсамар иртиботманд мебошад. Ончунон ки аз муҳтавои ҳамосаҳои қадимӣ бармеояд, Фаридун дар Меҳргон бар Заҳҳок ғолиб меояд ва ӯро дар кӯҳи Дамованд занҷирбанд мекунад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, Меҳргон, махсусан, дар аҳди Сосониён бо тантанаҳои бардавом ҷашн гирифта мешудааст. Таҷлили Меҳргон шабоҳати зиёд бо ҷашни Наврӯз дорад. Ба истиқболи Меҳргон мардум хонаву ҳавлиашонро тозаю озода мекарданд, манзилашонро меоростанд ва гирду атрофро ба тартиб меоварданд. Дар рӯзҳои ҷашни Меҳргон (Меҳргон якчанд рӯз таҷлил мешуд) одамон ҳамдигарро табрик гуфтаву ба ҳам ҳадяҳо месупориданд. Ифодаҳои Меҳргони бузург ва Меҳргони кучак маъмул буданд. Аввалӣ ба аъёну ашроф иртибот дошту дувумӣ ба доираҳои васеи одамон.




Дар аҳди Шуравӣ дар қатори Наврӯз ҷашни Меҳргон низ бар асари сиёсати замон ба маҳдудиятҳо дучор омад. Дар як давраи муайян Меҳргонро ҳамчун иди Ҳосилот дар поёни фасли тирамоҳ таҷлил менамуданд, ки бештар хусусияти намоишкорона дошт ва як навъ нақши расмиятро мебозид. Танҳо ба шарофати Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон Меҳргон умри дубора дарёфт. Умуман, истиқлол ба эҳёи кулли расму оини фархундаву манфиатбори халқи тоҷик мусоидат кард, то ба сатҳе, ки ҷашни Наврӯзи мо мақоми ҷаҳонӣ дарёфт. Барои эҳёи анъанаҳои дерини мардумӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷидду ҷаҳди зиёд ба харҷ доданд. Сарвари кишварамон борҳо таъкид намудаанд, ки расму оини халқ ганҷинаи гаронбаҳои маънавии миллат мебошад ва онҳоро ҳифз бояд карду ба ояндагон мерос бояд гузошт. Дар расму оини мардумон орзую умед, хулқу атвор ва хостаҳои онҳо ифода мeёбанд. Аз ин лиҳоз, албатта, Меҳргон низ истисно нест. Аз соли 2009 тибқи қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ Меҳргон дар саросари мамлакат таҷлил мешавад. Ҳамбаста ба ин бисёр русуми марбут ба Меҳргон аз нав мавриди иҷро қарор гирифтанд. Ҳамакнун, сол то сол ин фархундаҷашн шукӯҳу шаҳомати бештар дармеёбад ва дар таҷлили он хурду калон ширкат меварзанд. Албатта, дар маркази ҷашн кишоварзон қарор мегиранд, зеро Меҳргон, пеш аз ҳама, шукргузорӣ аз ҳосили гирдовардаи деҳқонони заҳматкаш аст, ҷашни серию пурӣ, фаровонҳосилист.

Ба шарофати ҷашни Меҳргон кишоварзон меҳнати яксолаи худро ҷамъбаст мекунанд ва ба ин муносибат тантана меорояид. Ин тамоман мантиқист, зеро ҳосили кишоварзон рамзи фаровонист ва идомаи ҳаёти осоишта мебошад.

Дар таълимгоҳҳои ҷумҳуриамон низ ҷашни Меҳргон шукӯҳу шаҳомат ва муҳтавои хос дорад. Таҷлили ин ҷашн хонандагонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстию ватанпарварӣ ва эҳтиром ба арзишҳои маънавии миллат тарбия мекунад. Дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои дигари таълимӣ оид ба ҷашни Меҳргон маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфтааст:

*Малико, ҷашни Меҳргон омад,*
*Ҷашни шоҳону хусравон омад!*

Ин байт аз мақому мартабаи баланди ҷашни Меҳргон гувоҳӣ медиҳад.

***Дилоро ШАФИЕВА,***
***омӯзгори мактаби №100-и шаҳри Душанбе***

**Дар шаҳри Хуҷанд ба истиқболи 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон зеботарин боғ ифтитоҳ меёбад.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting ['ıntrıstıŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədı AmE: ˈsætərˌdeı]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeım]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [ə'ʃeımd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [ə'gri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city ['sıtı] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen ['sıtız(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion ['laıən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem ['pəuım]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet ['pəuıt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution ['kɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pə'hæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rı'spekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krı'eıt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration ['deklə'reıʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [ə'naunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:'naıtıd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifo:mli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several ['sev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [tə'geðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday ['sʌndı]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon ['wepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan ['ɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aıs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rı'frıdʒəreıtə], fridge [frıdʒ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream ['aıs'kri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsıgnətʃə]; to sign [tu saın]; to be signed [tu bi: saınd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ındıˈpend(ə)nt], Independence [ındıˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greıt]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpıdʒın], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greıt]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspıt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤɔb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkıt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaıbrerı]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrı]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfıs],institution [ˌınstıˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaıld], kid [kid] infant [ˈınf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hrlp], assistance [əˈsıst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkındəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rıˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsızəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterıt(ə)rı]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsıtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændı]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dıˈsıʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keıdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [vǽljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pıt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpaυə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeık], to shiver [ʃıvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈınst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaıəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊıŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfıʃ(ə)l ˈkləʊðıŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ıŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lıp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdıkʃ(ə)n(ə)rı]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtırıəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeıp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeıʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

***Мухлати омӯзиш ва азёд кардани луғат то санаи 31.12.2022 муайян шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар барқарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавқу рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Точикистон**





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənɪn]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [ha:m], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary ['nesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃiz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜ:b]* |

**И**

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:lækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbi:dɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃɪˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkju:t], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪæʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈvi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tua:sk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ru:m], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [‘lei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nɪˈkeɪʃn]* |

**Н**

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdju:tɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜ:neɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sit]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

**О**

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔ:tə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [sta:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜ:rtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege ['prɪvɪlɪdʒ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weidʒ]* |
| **Хақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rɪ'ælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone['evrɪwʌn], everything ['evrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague ['kɔli:g], coworker ['kəu'wɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpə'reɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəu'ɔ:dɪneɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion ['træv(ə)lɪŋkəm'pænɪən]* |

**Ч**

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd ['ʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

**Ҷ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer ['a:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | *total [toutl]* |
| **Ҷамъият** | общество | *society [sə'saɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | *South [sauθ]* |
| **Ҷонишин** | замиститель директора | *deputy director ['depjutɪ d(a)ɪ'rektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing ['fɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | *Friday ['fraɪdɪ]* |

ПОЯИ МИЛЛАТ

# Забонро покиза нигоҳ дорем

***Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир забони тоҷикӣ рушду такомул ва сайқал ёфта, ба таркиби луғавии он вожаю ибора ва таъбирҳои хушобурангу гӯшнавоз ворид гардид. Вале ҳанӯз носуфтагию костагиҳо дар баёни гуфтор, ғалатҳои дағал дар навиштаҷоту овезаҳо, носаҳеҳию номукаммалӣ дар Қоидаҳои имло, нуфуз пайдо кардани сели калимаю ибораҳои лаҳҷавию маҳаллӣ дар марказҳои шаҳру навоҳӣ, аз ҷумла, пойтахт, бенизомӣ ва сардаргумӣ дар навишти рӯзноманигорон дар нашрияҳо (ҳафтаномаю маҷаллаҳо) ва дигар омилҳову аносири ба забон бегона ба покию назофат ва шевоию фасоҳати забони модарӣ латма мезанад.***

Таври мисол, дар дохили хатсайру автобусу троллейбусҳо, мағозаю бозору фурӯшгоҳҳо, идораю корхонаҳо, умуман, ҳар ҷо ки чашм меафтад, суханони шевагию аз ину он маҳалу минтақа воридшуда ба гӯш ногувору нохушоянд садо медиҳанд ва табъро хираю рӯҳро афсурда мекунанд. Шунидани чунин гуфтор: «дар фалон остановка манъ кунем, ман бхамбум», «аз ин сухан дилам тар шуд», «лагани авқот», «айниқисса», «гирифта фуридан», «чизе», «атаму ачам», «бувам, аям», «ай чо», «дара хела кардан», «чуз» ва садҳо вожаю таркибҳои сарироҳӣ, ки ҳусну тароватӣ забони тоҷикиро доғдор месозанд, мутаассифона, рӯз ба рӯз нуфузу густариш ёфта, ҷойи баёни босалосату зебо ва балеғи тоҷикиро, ки асрҳо мавҷуд буду ба гӯш фораму рӯҳнавоз мерасид, танг кардаву ғасб карда истодаанд. Аҷобат дар он аст, ки намояндагони маҳаллу музофот ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ (ҳатто зиёиён) чун дар ин масъала сухан равад, дарҳол, бо ҳар василаю далелҳои гӯё муътамад худро ҳақ бароварда, «бо тафохур» таъкид мекунанд, ки ин калимаю ибораҳо дар зодгоҳи мо маъмул аст, чаро онҳоро истифода накунем? Бо чунин андешаи хому иштибоҳангез, ки дар мағзи ин тоифа ҷой гирифтааст, мағар мешавад аз меъёрҳои забони тоҷикӣ, латофату назокат ва сеҳри каломи нобиғагони адабиёти форсу тоҷик ҳарф зад? Аслан, дар масъалаи садди роҳи чунин бенизомӣ гардидан дар истеъмоли калимаву луғоти шевагӣ бояд, қабл аз ҳама, адибону забоншиносон ва устодону омӯзгорони макотиби миёнаву олӣ талошу кӯшиш анҷом диҳанд, вале мӯҷиби нигаронист, ки ин қишри ҷомеа аксар худ ба харақу мараҷ дар истифодаи вожаю луғатҳои тоҷикӣ роҳ медиҳанд иддае аз нависандагон бе ҳадафу бо ҳадаф дар асарҳояшон аз забони худ тӯда-тӯда калимаҳои лаҳҷавиро истифода мекунанд, ки агар барои зодагони маҳали он адиб маълуму фаҳмо бошад, барои дигар минтақаву маҳал комилан ноошно мебошад. Дар чанд қиссаю ҳикоя ва романҳои охир хондаам бо калимаҳои «япал-япал», «рука», «кушкутум», «тефи чонвар», «гижова», «бева», «интиқин», «бала-чақа», «дангал» ва таркибҳои ба меъёри забони адабии тоҷик ноошно, вайрону муғлақ вохӯрдам ва афсӯсу дареғ хӯрдам, ки ҳисси маҳалпарастӣ кошонаи мустаҳками рӯйини забони нобиғ тоҷикиро низ хароб карда истодааст. Дар бисёр суҳбатҳо ин тоифа қаламбадастон чунин амали худро саҳеху ба табиати забони тоҷикӣ созгор мешуморанд ва дарҳол чун «тарошаи аз бом афтода». «Луғати нимтафсилӣ»-и устод Садриддин Айниро шафеъ меоранд. Ёрони азиз, устоди саршинос, мутафаккир, забоншинос, нобиға Айнии бузург ҳаргиз ба



ин маънӣ ишора накардааст, ки аз ҳар куҷо (маҳалу музофот) дилхоҳ калимаро, ки бори маънии дуруст намекашад, ёфтед, бигиреду дар навиштаатон истифода кунед. Ҳаргиз ин тавр набуду нест. Пас, чаро мардум, соҳибони барҳаққи ин забонро гӯл мезанем? Тақлиди кӯр-кӯрона во ноогоҳона ба забони Эрону Афғонистон низ аз кӯшишҳои номуваффақ аст, ки ҳеҷ ба хусусиёти сарфию наҳвӣ ва оҳангу шеваи забони тоҷикӣ алоқаманд нест ва мояи печидагию муғлақбаёнист. Вагарна чӣ зарурат дорад, ки «саги велгард» гӯем, дар сурате ки шакли зебою содаи тоҷикии ин ибора – «саги дайду»-ро дорем? Ин як мисол мушт намунаи хирвор аст. Бархе аз рӯзноманигорон «услубу шеваи хоси навишт»-ро ҷорӣ намудаанд: дар навиштаи онҳо калимаҳои русӣ, ӯзбекӣ, арабӣ… ба хотири рамзу киноя ва баёни мақсад истифода мешавад, ки мутаассифона, роҳи дигари махлуткунии забони тоҷикӣ мебошад, ки ҳаргиз қобили қабул нест. Дар хусуси навиштаҷоти пурғалати пештоқи мағозаю фурӯшгоҳҳо, идораю муассисаҳо, марказҳои фароғатӣ, савдою тиҷорат дигар ҳарф намезанем, зеро гӯши дардшунав намонда, ки ба ислоҳи ин бебандуборӣ кӯшад. Сели беохири ғалатнависӣ, ки табъро хира мекунад, дар ҳоли афзудан аст. Бадтарин раванд дар ин самт, номгузорӣ кардани дукону мағоза ва марказҳои савдою тиҷоратӣ бо исмҳои хориҷиест, ки шояд обову аҷдоди соҳибони ин фурӯшгоҳҳо аз маънию моҳияти ин вожаҳо хабар надошта бошанд.

Мулоҳизаҳо дар атрофи Қоидаҳои имлои забони тоҷик низ хеле зиёданд. Аз ҷумла, то ҷое шунидем, масъулону мутасаддиёни Кумитаи истилоҳот ва забони назди Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод кардаанд, аз калимаҳои арабӣ у-и дароз бардошта шавад. Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз, фарзи мисол, калимаҳои «рух», «руҷуъ», «пажуҳиш», «шуро» бе у-и дароз навишта мешаванд. Далели илмии ин «ислоҳот» чист? Боре бигӯед! Дар «Имло…» дар боби «Имлои исм» омадааст, ки «ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ: … Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Шинг» калон навишта мешавад. Пурсида мешавад, чаро?

Охир, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё ҷамоати деҳот (шаҳрак) маъмулан исми ҷинс аст. Пас, агар Ваҳдату Шинг исми хос бошанд, калимаи мақомат чаро бо ҳарфи калон навишта мешавад? Чунин иштибоҳ дар навишти номи расмии таълимгоҳҳо, масалан, Муассисаи давлатии «Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе» ба мушоҳида мерасад, ки ба назари мо, ҳаргиз дуруст нест. Аслан вақт аст, то аз ин номгузориҳои ба табиату хусусиёти сарфию навҳии забони тоҷикӣ бегона даст бикашем ва ба ин бебандуборӣ дар қиболи истеъмол ва истифодаи калимаҳои забони тоҷикӣ хотима бубахшем.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

КӮДАКИСТОН

# Муҳаббат ба забони модарӣ

Дар таълиму тарбияи кӯдакон ҳамагон масъуланд ва аз ин лиҳоз, ҳар зинаи омӯзишу парвариш махсусият ва аҳамияти худро дорост. Дар ин миён нақши кӯдакистонҳо бештар ба назар мерасад. Агар оила нахустмарҳила ва сарчашмаи тарбияву таълими фарзанд бошад, кӯдакистон нахустзинаи идомабахш аз ин лиҳоз аст. Маҳз дар муассисаҳои томактабӣ насли наврас бо омӯзиши фаъол огоҳ мекунад ва ин аз бисёр ҷиҳат роҳи минбаъдаи кӯдаконро равшану муайян месозад. Дар ин замина, мураббиёнро масъулияти зиёде ба дӯш аст ва онҳоро мебояд, ки ба ҳама ҷузъиёти таълиму тарбия таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, ғамхору меҳрубон, мушоҳидакору хушгуфтор бошанд ва донишу маҳорату малакаи худро мунтазам такмил бахшанд. Кӯдакистонҳо низ чун як узви ҷомеа бояд ҳамқадами замон бошанд, рӯҳияи айёмро хуб дарк намоянд ва самтҳои таълиму тарбияро дуруст муайян бикунанд. Мо, хушбахтона, дар айёми соҳибистиқлолии Ватани азизамон зиндагӣ дорем ва ин, албатта, муҳимтарин омили муайянсози самтҳои фаъолиятамон дар ҷодаи таълиму тарбияи насли наврас аст.

Як рукни муҳими кишвару миллати соҳибистиқлол доштани забони давлатӣ мебошад (дар радифи Парчаму Нишону Суруди миллӣ). Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» забони тоҷикӣ забони давлатӣ эълон гардидааст ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат маҳз ҳамин забон ҳамчун забони муошират ва расмии коргузорӣ пазируфта шудааст. Донистани забони тоҷикӣ барои тамоми сокинони Тоҷикистон ҳатмист. Як омили асосии бузургдошту эҳтироми забони тоҷикӣ парваридани муҳаббат нисбат ба он дар ниҳоди наврасон аст. Дар саргаҳи ин кори нек кӯдакистонҳо қарор доранд. Дар дили насли наврас бо чӣ усулҳое бояд муҳаббати самимӣ нисбат ба забони модариро устувор ҷой дод? Ба назари мо, дар ин самт, пеш аз ҳама, бояд ба кӯдакон бо забони содаю фасеҳу фаҳмо аз хусуси бузургию тавоноии забони тоҷикӣ ҳикоят кард. Бояд гуфт, ки забони мо аз муқтадиртарин забонҳои ҷаҳон буда, таърихи тӯлонию рангину пуршебу фароз дорад. Дар асоси таърих дар аксар давлатдориҳои худуди Осиёи Миёна забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ доштааст ва дар коргузорӣ васеъ истифода мешудааст. Вобаста ба ин таъкид аз давлатдории Сомониён чанд сухан мебояд гуфт.

Таъкиду тавзеҳи он нукта ҳам муҳим аст, ки бо забони тоҷикӣ бузургони зиёде осори барҷаста эҷод кардаву ба мартабаҳои баланд расидаанд. Имрӯз оламиён забони тоҷикиро чун забони андарзҳои ҷовидонии устод Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно, «Баҳористон»-и Ҷомӣ… мешиносанду эътироф мекунанд. Ба кӯдакон оид ба адибони бузурги миллат ва иддае аз осори машҳури онҳо маълумоти ибтидоӣ додан ҳисси эҳтироми онҳоро нисбат ба абармардони миллату осорашон ва албатта, нисбат ба забони тоҷикӣ бедор мекунад.

Маълум, ки кӯдакон шеъру сурудро дӯст медоранд ва бо шавқу завқ мешунаванду замзама менамоянд. Бо такя ба ин хислаташон ба онҳо дар ситоиши забони тоҷикӣ шеърҳо гуфтан ва ин шеърҳоро барои азёд кардан супориш додан (беҳтараш, аҳлона азёд кардан) хеле муфид хоҳад буд. Хушбахтона, дар ситоиши забони модарӣ шеъру ҳикоят, суруду тарона, зарбулмасалу мақол ва андарзҳои фаровон мавҷуданд, ки аз онҳо мураббиёни кӯдакистонҳо ба таври фаровон истифода бурда метавонанд.

Ба кӯдакон оид ба ҳаёт ва фаъолияти пурмуҳтавою ибратомӯзи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти мувофиқ додану таъкид бинмудани таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари кишвар ба забони тоҷикӣ ва эҳтирому арҷгузории он аз муҳимтарин омилҳои парвариши муҳаббат ба забони модарист. Суханони зиёду андарзбори Пешвои миллатро кӯдакон низ (махсусан, кӯдакони синни томактабӣ) бо мадади мураббӣ метавонанд хуб сарфаҳм раванду ба хотир гиранд ва такрор бикунанд. Барои мисол, танҳо аз номи як китоби Сарвари кишвар оид ба забони модарӣ ёдовар мешавем: «Забони миллат – ҳастии миллат». Дарк кардани маънии ҳамин ном ва ба хотир гирифтани он худ ҷаҳоне таассурот аст барои кӯдакон.

Умуман, барои ҳар як мураббии фаъол омилҳои ташаккули муҳаббати кӯдакон нисбат ба забони тоҷикӣ хеле фаровонанд.

***Гулбаҳор АЗИМОВА,***
***сармураббии ширхоргоҳ-кӯдакистони №159-и ноҳияи Шоҳмансур***

Дар ДДФСТ ба номи М. Турсунзода таҳти унвони «Рози Фалак» ҳамоиш доир шуд.

БАҲС

# Сифати китоби дарсиро такмил бояд дод

**Чанд андеша перомуни китобҳои дарсӣ ва барномаи таълимии фанни ҳуқуқи инсон барои синфҳои 10-11**

***Китоби «Ҳуқуқи инсон» (барои синфи 10) соли 2010 ва «Ҳуқуқи инсон» (барои синфи 11) соли 2011 нашр гардида, то имрӯз ҳамчун маводи таълимӣ истифода мешуданд.***

Ниҳоят, китоби «Ҳуқуқи инсон» (барои синфи 10) (Т.Н.Зиёзода ва дигарон, «Ҳуқуқи инсон» синфи 10, Душанбе, «Маориф», 2022), «Ҳуқуқи инсон», барои синфи 11 (Т.Н.Зиёзода ва дигарон, «Ҳуқуқи инсон», синфи 11, Душанбе, «Маориф», 2021) аз нав ба нашр расиданд.

Мо, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, умедвор будем, ки дар давоми зиёда аз 10 сол муаллифон пешравӣ ва тағйиротро дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта, доир ба мавзуъҳои китобҳои дарсӣ далелу навгониҳои ҷомеаро пешкаши хонандагон мегардонанд. Мутаассифона, дар китобҳои нави дарсии зикршуда далелу рақамҳое, ки дар китобҳои дарсии пештара буданд, айнан оварда шудаанд.

Барномаи таълимӣ барои фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (синфҳои 8-9) ва «Ҳуқуқи инсон» (синфҳои 10-11) барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ соли 2018 нашр гардида буд.

Китобҳои дарсии ҳуқуқи инсон мебоист тибқи талаботи барномаи таълимӣ навишта мешуданд. Аммо дар китобҳои дарсӣ номувофиқатии бобҳо ва мавзуъҳо бо барномаи таълимӣ мушоҳида карда мешавад. Мо дар давоми мақола фикрҳои худро доир ба далелу рақамҳои куҳна ва номувофиқатии бобҳо ба мавзуъҳои китоби дарсӣ бо барномаи таълимӣ андешаҳоямонро асоснок мекунем.

Дар барномаи таълимӣ омадааст: «Фанни таълимии ҳуқуқи инсон … дар асоси нишондодҳои марбутаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии фаннӣ оид ба ҳуқуқи инсон … таҳия карда шудааст» (саҳ. 3).

Аммо бо таассуф бояд зикр кард, ки то имрӯз Стандарти давлатии фаннӣ оид ба ҳуқуқи инсон, таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ таҳия ва ба омӯзгорон дастрас нагардидааст. Инчунин, дастури роҳнамои омӯзгор аз фанҳои ҳуқуқи инсон ва таърих таҳия ва ба омӯзгорон дастрас нашудаанд, дар сурате ки Стандарт ва роҳнамои омӯзгор аз фанҳои дигар таҳия, нашр ва дастраси омӯзгорон гардидаанд.

Дар барномаи таълимӣ, боби 2 «Аз таърихи пайдоиши ғояи ҳуқуқи инсон» 2 соат пешбинӣ шудааст, аммо ин боб дар китоби дарсӣ умуман вуҷуд надорад.

Мавзуъҳои «Вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд», «Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон», «Механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон» дар барномаи таълимӣ пешбинӣ шуда бошанд ҳам, ин мавзуъҳо дар китоби дарсӣ ҳамчун замима дода шудаанд.

Дар барномаи таълимӣ дар бораи «Ҳуқуқҳои инсон ва коррупсия» соати дарсӣ пешбинӣ нашудааст, аммо дар китоби дарсӣ замимаи «Ҳуқуқи инсон ва проблемаи коррупсия пешбинӣ шудааст». Зарурати бобҳои дар барномаи таълимӣ пешбинишударо «Замимаҳо» гуфта, муаррифӣ кардан бо кадом сабаб бошад?

Дар таҳияи мавзуи «Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ», муаллифони китоби дарсӣ ба саҳлангорӣ роҳ додаанд. Дар мавзуъ доир ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиат кардан талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» нишон дода шудааст. Ҳол он ки аз 23.07.2016, №1339 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба ҳукми амал даромадааст. Дар моддаи 26-и қонуни мазкур омадааст: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон …» аз эътибор соқит дониста шавад». Дар қонуни ҷадид навъи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тамоман дигар аст. Зарур аст, ки мавзуи мазкур аз нав тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» таҳия карда шавад.

Доир ба китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон», барои синфи 11 баъзе андешаҳои худро иброз медорем.

Дар барномаи таълимӣ боби «Ҳуқуқҳои занон» пешбинӣ нашудааст. Дар китоби дарсӣ бошад, боби 6 «Ҳуқуқҳои занон» ном дошта, 4 мавзуъро дарбар мегирад. Сабаби номувофиқатии барномаи таълимӣ ва китоби дарсиро мо, омӯзгорон, нафаҳмидем.

Дар бештари мавзуъҳои китоби дарсӣ далелу рақамҳои куҳна оварда шудаанд. Масалан, «То соли 2007 ба Статуси Римии Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ 104 давлат ҳамроҳ шуда, бо ҳамин юридиксияи (доираи ҳуқуқӣ) онро эътироф намуданд» (саҳ. 7). Наход дар давоми 15 сол ба ин Статут ягон давлати дигар ҳамроҳ нашуда бошад?

«Мисоли равшани он Федератсияи Русия аст. Дар ин кишвар барӯйхатгирии қаблии аҳолӣ дар соли 1989 муайян сохт, ки шумораи аҳолӣ дар ин муддат 1,8 млн нафар кам шудааст…» (саҳ.9) ҳол он ки баъди соли 1989 дар Федератсияи Русия 3 маротиба: солҳои 1999, 2009 ва 2019 барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шудааст.

«Агар мақомоти тандурустӣ то моҳи июни соли 2004 расман 317 нафарро ба қайд гирифта бошад, пас, дар соли 2005 ин шумора ба 506 нафар расидааст» (саҳ. 21). Наход дар давоми 17 соли минбаъда шумораи гирифторони ВМНО зиёд нашуда бошад?

Дар мавзуи «Масъалаҳои экологӣ ва ҳуқуқи инсон», дар қисмати дуюми мавзуъ «Масъалаҳои умумиҷаҳонии экологӣ ва ҳуқуқи инсон» омадааст: «Таъмини инсон бо оби тоза яке аз проблемаҳои имрӯзаи ҷаҳон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи Генералии СММ пешниҳод намуд, ки солҳои 2003-2015 солҳои «Оби тоза» эълон карда шавад, ки онро аъзои ин созмони бонуфузтарини байналмилалӣ бо хушнудӣ пазируфтанд. Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005-2015 –ро «Амалиёти оби тоза» эълон кард» (саҳ. 15).






Ба фикри мо, ин фикр комилан ғалат аст. Беҳтар мебуд, муаллифон менигоштанд, ки аз тарафи Иҷлосияи Кулли СММ 4 ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об пазируфта шудааст, ки инҳоянд:

1. Соли 2003 – соли «Оби тоза»
2. Солҳои 2005-2015 - Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт»
3. Соли 2013 –соли «Ҳамкорӣ дар соҳаи об»
4. Солҳои 2018-2028 –Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»

Қисмати 3-и мавзуи мазкур «Вазъи экологӣ дар Тоҷикистон» ном дорад, ки ба вазъи экологии кишварамон бахшида шудааст. Аммо дар бораи тағйирёбии иқлим, яъне гармшавии ҳаво дар сайёра чизе гуфта нашудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 омадааст: «Тибқи маълумот аз 14 ҳазор пиряхе, ки дар кишвари мо ба қайд гирифта шудааст, дар давоми 40 соли охир бо сабаби гармшавии иқлим ҳазор пирях аз байн рафтааст ва ин раванд солҳои охир бо суръат идома дорад» (саҳ. 32).

«Аз соли 1983 то охири соли 1988 мутобиқи тавсияҳои Шурои парасторони Хазинаи мазкур 131 кумаки молиявӣ барои татбиқи 67 лоиҳа дар 32 кишвари ҷаҳон пешниҳод намудааст» (саҳ. 80) Наход дар давоми 34 соли минбаъда хазинаи ихтиёрии СММ барои ҷабрдидагони шиканҷа ягон лоиҳаи дигарро амалӣ накарда бошад?

Дар мавзуи «Кӯдакон - гурӯҳи осебпазири иҷтимоӣ» доир ба риоя нашудани ҳуқуқҳои кӯдакон дар ҷаҳон далелу рақамҳои маърузаи соли 2001 барои иҷлосияи махсус оид ба вазъи кӯдакон омодагардидаи Муншии Кулли СММ «Мо-кӯдакон» нишон дода шудааст (саҳ. 82-83). Наход дар давоми зиёда аз 20 сол далелу рақамҳо тағйир наёфта бошанд?

Дар мавзуи «Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак» омадааст: «Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 87). Ҳол он ки чунин кумита вуҷуд надорад. Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи ҷавонон ва варзиш ва Кумитаи рушди сайёҳӣ мавҷуд аст.

Дар мавзуи иҷрои адолати судӣ «Нисбат баноболиғон дар қисмати 5 «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои адолати судӣ нисбат ба ноболиғон омадааст: «Тартиби баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (соли 1985) ва Кодекси ҷиноятӣ-мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1961) муайян карда мешавад (саҳ.99). Ҳол он ки Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нею балки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дошта, 31 декабри соли 2008, №455 қабул шудааст. Кодекси соли 1985 қабулшуда аз эътибор соқит дониста шудааст.

Кодекси ҷиноятӣ – мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон нею Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дошта, охирин маротиба бо тағйиру иловаҳо соли 2016 қабул карда шудааст.

***(Давом дорад)***

***Собирҷон ҒУЛОМОВ,***
***омӯзгори гимназияи хонандагони лаёқатманди ба номи А.Балъамии шаҳри Ваҳдат***

ДАРСИ МУОСИР

# Усулу шеваҳои таълимӣ фаровонанд

Барои омӯзондани забони англисӣ сабку шева ва усулҳои гуногуни таълимӣ пешниҳод шудаанд, ки омӯзгорон метавонанд аз онҳо ба таври огоҳона истифода баранд. Усулу методҳои мазкур хонандагонро барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳавасманд мегардонад. Равишҳои омӯзиш ба мо дар татбиқи таълим кумак мерасонанд. Матлаби зер намунаи чунин равишҳои фаъолият барои омӯзгорон аст.

**Намунаи 1:** Касеро ҷустуҷӯ дорам, ки…

Ин тарзи омӯзиш хонандаро ҳавасманд месозад, ки бо дигар шарикдарсони худ саволу ҷавоб баргузор намуда, кӯшиш намояд, ки дар синф касеро пайдо кунад, то ба тавсиф мувофиқ буда, маълумоти муайянеро донад.

**Қадамҳо барои фаъолият:**

1. Омӯзгор намунаи варақаҳои «Касеро ҷустуҷӯ дорам, ки...»-ро, ки дар он суханҳо оварда шудаанд, омода мекунад. Ҳар як хонанда як варақа мегирад.
2. Хонандагон тавзеҳоти гуногуни дар варақа қайдшударо мехонанд ва кӯшиш менамоянд, ки ба назди хонандае раванд, ки ба тавзеҳоти дар варақа қайдшуда мувофиқ ва ё ҳадди ақал наздик бошад.
3. Хонандагон дар синф ба шарикдарсони худ савол медиҳанд, то шахсеро бо чунин хислатҳо пайдо кунанд, ки ӯ тавонад ба саволҳо ҷавоб диҳад.
4. Баъд аз ёфтани шахси мувофиқ ба тавзеҳоти варақа, онҳо номи он хонандаро дар варақаи корӣ менависанд ва рафта ба ҷойи худ менишинанд.

Истифода аз ин равиши омӯзиш дар ниҳоди хонандагон тафаккури интиқодӣ, муошират ва дарки маъноро рушд медиҳад.

Намунаи 2: Варақаҳои "Пурсиш ва посух"

Ин равиши омӯзиш хонандагонро водор месозад, ки доир ба мавзуи нав худомӯзӣ намоянд.

**Қадамҳо барои фаъолият:**

1. Омӯзгор саволҳоро доир ба мавзуи нав дар як тарафи варақа ва посухро дар тарафи дигари он қайд мекунад.
2. Омӯзгор аҳли синфро ба 4 ва ё 5 гурӯҳ ҷудо менамояд.
3. Ба ҳар як гурӯҳ як варақа дода мешавад. Хонандагон дар гурӯҳ ҳар ду тарафи онро мехонанд, бо ҳам суҳбат карда, мутмаин мегарданд, ки ҳам савол ва ҳам ҷавобро дар хотир нигоҳ медоранд.
4. Хонандагони ҳар як гурӯҳ бо навбат маълумоти гирифтаи худро ба аҳли синф муаррифӣ ва кӯшиш мекунанд, ки ба хонандагон саволеро доир ба маълумоти нав пешниҳод намоянд. Бо истифода аз варақаҳо ҷавобҳои ҳамдигарро месанҷанд.
5. Омӯзгор кӯшиш мекунад, ки доир ба қисматҳои партофташуда ва ё даркнакардаи хонандагон аз нав маълумоти мухтасар диҳад.
6. Дар супориши хонагӣ хонандагон метавонанд дониши омӯхтаи худро дар дафтарҳо сабт намоянд.

Ин сабку усулро бо мақсади азхудкунии луғати нав, фаъол кардани донишҳои заминавии хонанда, ҳазм кардани мавзуи нав ва аз ҳама муҳим, барои рушди муошират истифода бурдан хело бамаврид аст.

Вақти сарфшаванда то 15 – 20 дақиқа буда, дар гурӯҳҳои дунафарӣ, гурӯҳи калонтар ва ё тамоми синф амалӣ карда мешавад.

***Марҷона ҲАСАНОВА,***
***омӯзгори литсейи рақами 3, шаҳри Душанбе***

**7 октябр дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ» конференсияи байналмилалии илмӣ баргузор шуд.**

АДАБИЁТ

# Асаре дар бораи ҳаёту мамоти инсон

***Лев Николаевич Тостой (1828-1910) яке аз маъруфтарин адибони сатҳи ҷаҳонист, ки бо асарҳои мондагори хеш ганҷинаи адабиёти оламро ғанӣ гардондааст. Бо гузашти солҳо осораш номи ӯро машҳуртар мекунанд ва арзишу аҳамияти онҳо пайваста боло меравад. Дар саросари дунё асарҳои ин нобиғаи арсаи адабро миллионҳо нафар мехонанд ва муҳаққиқону адабиётшиносону нависандагон ба маҳорати эҷодиву адабиаш баҳои баланд медиҳанд.***

Тарҷумаи асарҳояш бо забонҳои дунё далеле дигари гуфтаҳои болост. Дар баробари ин, таъсири эҷодиёташро дар аксари нависандагони насли нав метавон мушоҳида кард. Хушбахтона, қисмати зиёди асарҳои нависандаи бузург Толстой бо забони тоҷикӣ тарҷумаву дастраси хонандагон гардидаанд ва дилбохтагони осораш дар кишвари мо зиёданд ва китобҳои ӯро мехонанду лаззати маънавӣ мебардоранд. Ба ҳамин мазмун ташкилоти ҷамъиятии «Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон», ки ба нашри китобҳо аз силсилаи «Шоҳкориҳои адабаёти ҷаҳон» машғул буда, дар ин самт китобҳои нависандаи машҳур Орҳан Памук «Номи ман Сурх аст», маҷмуаи «Маҳкуми бегуноҳ»-и адиби маъруф Л. Н. Толстой, китоби ҳикоятҳои ва ҳидоятҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ, маҷмуаи «Панҷоҳ ҳикоя»-и устоди ҳикоя А. П. Чеховро ба нашр расондааст ва панҷумин асар аз ҳамин силсила қиссаи «Марги Иван Илич»-и Л. Н. Толстой (Душанбе, 2022. – 192 с.) мебошад, ки дар таҳия, танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти донишманди пуркор, номзади илми филология Шодӣ Шокирзода ба табъ расид, ки барои хонандаи тоҷик падидаи нишотбахши фарҳангӣ ва маънавӣ маҳсуб меёбад.

Повести «Марги Иван Илич» ҳамчун асари фалсафӣ дар бораи маргу зиндагӣ навишта шуда, аз кучактарин то ҷузъиёти бузург аз маргро ба хонанда ошкор месозад. Нависанда ба хонанда гӯшзад мекунад, ки бо наздик шудани марг лаҳзаҳои зиёди ҳаёти гузаштаи инсон аз пеши назар чун навори кино мегузаранд, вай аз аъмоли худ пушаймон мегардад, роҳи раҳоӣ аз вартаро ҷӯё мешавад, нодаркору камирода шудани худро дарк мекунад, нотавону пажмурдагии хешро дар пеши марг мефаҳмад. Бо вуҷуди ин, воқеоти асар, ки гоҳо дорои драматизми шадид мебошад, дар гирди қаҳрамони марказии қисса чарх мезанад. Ба таъкиди Ш. Шокирзода (дар «Сарсухан»), шахсияти аслии асар Иван Илич ҳам мехост чун ҳамаи мардум зиндагӣ кунад. Ягона вежагии хос дар ӯ вуҷуд надорад ва нафаре нақси ӯро низ мушоҳида накардааст. Ӯ чун дигарон як инсони муқаррариву миёнаҳол буд ва дар байни одамон зиндагӣ мекард ва барояш қонун, меъёр, намуна ва накукорӣ дар мадди аввал қарор дошт. Иван Илич дар зиндагии рӯзмарра ва кор комёб мебошад, вале дар зиндагии шахсӣ дучори мушкилот аст, ки ба навъе аз муваффақиятҳои кораш сарчашма мегиранд. Иван ҳеҷ вақт фикр намекард, ки рӯзе мерасаду мемирад.

Ҳамин тариқ, сужаи асар дар атрофи фаъолияи Иван Илич чарх мезанад ва ӯ дар марҳалаҳои зиндагӣ якбораву ногаҳонӣ ба бемории сахт гирифтор мешавад ва ба ин натиҷа мерасад, ки марг дар камини ӯст. Вай дар ин ҳолат дар назди виҷдони хеш ҳисобот медиҳад ва ҳар амали худро арзишдоварӣ мекунад. Ҳамин тариқ, дар асар мазҳакаҳои фоҷиавию фардикунонишуда низ ба назар мерасанд, чун ӯ худ бисёриҳоро ба анҷоми амалҳои нек ва корҳои шоиста талқин менамуд, ҳол он ки ин гуфтаҳо ба худи ӯ низ рабт доранд.

Ҳодисаву воқеаҳо ва лаҳзаҳои сужаи асар дар атрофи корҳои анҷомдодаи Иван Илич давр мезананд ва нависанда моҳияти




амалҳои қаҳрамони асарро барои хонанда мекушояд. Дар тасвири лаҳзаҳо Толстой аз ҳеҷ чиз гузашт намекунад, воқеияти ҳолро бозтоб мекунад, ки ҳар як лаҳзаи он ба хонанда таъсири амиқи рӯҳиву равонӣ мебахшад ва мақсаду мароми нависанда, ки дарки воқеии ҳаёт ва фалсафии зиндагист, муассир ҷило медиҳад. Тасвири нависанда дар қисмати охири китоб басо ҷолибу муассир ва таконбахш мебошад:

«Аз ҳамон лаҳза фарёдҳояш шуруъ шуд ва се рӯзи тамом идома ёфт. Фарёдҳо чунон даҳшатноку мудовим буд, ки ғайримумкин буд инсон аз паси ду утоқи дарбаста, онсӯтар бишнавад ва ба худ наларзад. Аз лаҳзае, ки ба пурсиши ҳамсараш посух дода буд, дарёфт, ки дигар ҳама чиз тамом шуда, бозгаште даркор нест, поён, ҳамон поён фаро расида буд ва тардидҳояш ҳанӯз аз миён нарафта ва ҳамчунон побарҷост.

Ба лаҳнҳои гуногун фарёд мекашид:

– Вой! Вой!, Вой!

…Касе дар канори ӯ гуфт: – Тамом шуд!

Ӯ ин ҷумларо шунид ва даруни рӯҳи худ такрор кард.

Бо худ гуфт: «Марг тамом шуд. Он дигар дар миён нест».

Нафаси амиқе фурӯ бурд, дар миёнаи сар додани нафас ист кард, дасту пояшро кашид ва даргузашт».

Нависанда ва мунаққиди шинохтаи амрикоӣ дар мақолаи «Нақди «Марги Иван Илич» қиссаи Толстойро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, маҳорати нависандаро дар бозтоби ҳаёт ва тасвири марг нишон додааст. Ба таъбири ӯ, «самимияту ошкорогӯйие, ки Толстой дар иродаи ин ҷанбаи марг нишон медиҳад, дар асари ҳеч нависандае пеш аз ӯ дида нашуда ва таъсире, ки барҷо мегузорад, озордиҳанда аст. Шояд мутолиаи ҳеҷ асар то ин андоза дардовар набошад».

Дарвоқеъ, китоби «Марги Иван Илич» ҳамчун асари тарбиявию фалсафӣ ва омӯзанда барои доираи васеи хонандагон муфиду судманд мебошад ва заҳмату талошҳои муҳаққиқ ва мутарҷими некбин Шодӣ Шокирзода шоистаи таҳсин аст.

***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

## Ҳикмат дар меҳвари ҳикоят

***Деҳаи Качровут дар мавзеи басо назаррабо, дар домани кӯҳсори хушбоду ҳаво, дар ҳудуди ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд ҷойгир аст. Сокинони ин деҳаи начандон калон ҳама зиндадилу адабпарваранд, ба шеъру суруд, ба каломи бадеъ, ба китобу дафтар эҳтирому эътиқоди самимӣ доранд.***

Зумрае аз эҷодкорони Качровут дар сатҳи ҷумҳурӣ низ чеҳраҳои шинохтаанд. Омӯзгори фаъолу равшанзамир Нозим Соҳиб дар мактаби деҳа ба шогирдон аз фанҳои забону адабиёти тоҷик дарс мегӯяд, тозакору нававар асту усули тадриси самарбораш борҳо мавриди таваҷҷуҳи масъулини шуъбаи маорифи ноҳия қарор гирифта. Шогирдонашро бисёр дӯст медорад ва шогирдон низ аз устоди варзидаи худ ифтихорманданд.

Нозим Соҳиб ба эҷоди бадеӣ низ гаравиш дорад, муаллифи чаҳор китобу ду қисса ва силсилаи ҳикояҳост. Охири моҳи сентябр китоби наваш бо номи «Самар» дар шаҳри Душанбе (нашриёти «Маориф») ба нашр расид. Ин китоб аз се ҳикояву як афсона таркиб ёфтааст. Нозим Соҳиб ғолибан барои кӯдакон эҷод мекунад ва тавассути нигоштаҳояш насли наврасро ба ватандӯстиву хушрафторӣ, донишандӯзию садоқатмандӣ ва ба зебоипарастию дӯст доштану ҳифз бинмудани табиати диёр даъват мекунад. Нахустҳикояи китоби «Самар» «Ӯ табиатро дӯст медораду табиат ӯро» ном дорад ва аз машғулияти ҷолибу ибратбахши Маъмури Маҳмуд ном марде ба таври муассир ҳикоят мекунад. Ин мард ҳаводори зебоист ва шуғли гулпарварӣ дораду асрори зиёди табиатро медонад. Хонаю ҳавлияш монои гулистон аст. Ӯ ҳатто чанде аз гулҳои ёбоӣ-кӯҳиро оварда, «ром» кардаву теъдоди гулҳояшро афзудааст. Маъмури Маҳмуд батакрор таъкид мекунад, ки гулҳо ҳам муҳити ҳаёти одамонро зебо мекунанду ҳам таровату ҳаловат мебахшанд, гулҳо ба ҳифзи саломатии атрофиён мусоидат мекунанд ва сафобахши ҳавою дилу дидаҳоянд. Бепарвоӣ нисбат ба гулҳо беэътиноӣ ба зебоист. Аз назари ин марди гулпарвар, гулҳо ба хулқу атвори одамон низ таъсиргузоранд; оне, ки таваҷҷуҳ ба гул дорад, нармтабиату хушсухан ва некурафтор аст, мекӯшад, ки тозаю озода бошад ва касеро озор надиҳад. Ҳар касе, ки табиатро дӯст медорад, аз табиат саховату муҳаббат посух дармеёбад. Аз ин ҷост, ки ҳамбаста ба хисоли ҳамидаи Маъмури Маҳмуд ҳикоя «Ӯ табиатро дӯст медораду табиат ӯро» ном гирифта.

Ҳикояҳои «Рӯзе, ки ҳаёти нав оғоз шуд» ва «Даҳ хайр» ҷанбаи қавии ҳикматомӯзӣ доранд ва хонандагонро даъват мекунанд, ки ҳаётро дӯст доранду ҳар лаҳзаи онро ғанимат донанд ва пурсамар гузаронанд. Ба машғулиятҳои булҳавасона ва ба айшу нӯш бахшидани лаҳзаҳо пурарзиши умр хиёнат ба зиндагист. Вақте ки қаҳрамони ҳикояи аввал Бӯстон аз чанголи гургҳо ва аз марги яқин бо амри тасодуфе раҳоӣ меёбад, назараш ба зиндагӣ дигар мешавад ва дармеёбад, ки ҳар лаҳзаи умр ғанимат асту зиндагие бояд дошт бофайзу судманд. Ва Бӯстон ҳамагонро ба зиндагие чунин ҳидоят месозад.

Саховат, накукорӣ, дасти эҳтиёҷмандон гирифтан – омоли накуву нишотбахшанд, ки дар ҳикояи дуюм («Даҳ хайр») тавсифу ситоиш ёфтаанд.

Китоби «Самар» бо афсонае ҳамноми китоб поён пазируфтааст.




Он дар пайгирӣ ба афсонаҳои халқии тоҷикӣ эҷод шудааст ва андарзбор аст. Марде заминдор азм мекунад, ки боғашро ба яке аз писараш мерос гузорад. Тасмим мегирад, ки аввал фаросати фарзандонро санҷаду боғро ба оне васият кунад, ки пурсамар истифода карда метавонад. Писарон ба боғ вобаста ба фаҳму аклу фаросаташон муносибат мекунанд. Дар фарҷом мард дармеёбад, ки писари хурдиаш бештар аз бародарон боғро пурсамар ва ғамхорона парвариданду ҳосили фаровон расондааст. Ва албатта, боғ ба ӯ мерос мемонад.

Ин то ҷое сужаи маъмул аст дар адабиёт, вале Нозими Соҳиб бо истифода аз ҳунари суханварӣ , корбасти шоистаи тавсифу тавзеҳ ва истифодаи алфози андарзбору пурубуранг афсонае иншо кардааст басо дилпазиру муассир.

Китоби «Самар» собитгари он аст, ки омӯзгори эҷодкор Нозими Соҳиб истеъдоди баланди нигорандагӣ дорад ва дар арсаи эҷод таҷриба андухтааст сабку услуби хоси худро дарёфтааст ва минбаъд метавонад дар рушди адабиёти кӯдакони тоҷик бештар ҳиссагузор бошад.

***А. МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

## Маркази велосипедронӣ

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи велосипедронии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ дар маркази вилоят мактаби велосипедронӣ кушода шуд.

Дар маросими ба истифода додани ин муассисаи муҳими варзишӣ раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Мирзонабот Алишер Худобердӣ, раиси шаҳри Хоруғ Назарзода Ризо Шодӣ, раиси Федератсияи велосипедронии Ҷумҳурии Тоҷикистон Озодхон Давлатшоев ва дигар шахсони расмӣ иштирок намуданд.

***Ч.ҚОЗИБЕКОВ, «Омӯзгор»***

**Беш аз 200 нафар бонуи тоҷик ба курсҳои омӯзиши компютерӣ фаро гирифта мешаванд.**

*Хастагии беасос хабари беморист.*

*Буқрот*



ШЕЪРИ МУОСИР

# Порсомардест дар мулки адаб

Он замон ӯ ҳанӯз шеъри «Хоҳиш» ва қитъаи зерро насуруда буд:

*Чӣ қадар танҳоям,*
*Чӣ қадар бори гунаҳ бар дӯшам,*
*Чӣ қадар нола гиребонгир аст,*
*Лек ман хомӯшам.*

Вале мо аз оғози ошноиямон (қариб чиҳил сол қабл аз ин) бо фаросат ва бо нигоҳи кунҷкобона неку дарёфта будем ин маъниро дар ҳастии ҳамсабақамон. Чаҳор соле, ки бо ҳам дар мактаби олӣ таҳсил кардем, ғолибан ӯро дар давраи худ ба навъе танҳо, андешаманд ва ба назар андаке фориғбол дармеёфтем. Банди хаёлот баъзан аз посух ба саломамон ҳам бенасиб мемондем. Нахуст таслим ба андешае шудем, ки ӯ ҷавонест шикастадилу бепарвову пиртавлидшуда. Аммо батадриҷ ин ҷавони «дунёи дигар» тавассути посухҳои даста-даста пурҷавҳару далелбораш ба суолҳои устодон дар ҷараёни машғулиятҳо, тавассути пора-пора суханони муассиру дилпазираш зимни суҳбатҳову мубоҳисот ва тавассути лукма-лукма эродҳояш ба нигоштаҳо дар дастурҳои таълим кулли қазоватҳои моро нисбат ба шахсияташ ботил сохт. Ва мо ин ҳамсабақи хешро, ки он ҳангом Ӯрун Калонов ному насаб дошт, ба гурӯҳи дигар – гурӯҳи донишҷӯёни фаъолу кӯшову хирадпарвар шомил кардему нисбат ба ӯ эҳтиром дар дил парваридем. Дарёфтем, ки пурдону камгӯй аст ӯ, мудом мекӯшад, ки пасу пеши суханро санҷида бигӯяд, танҳо дар зарурат ҷилави сухан ба даст гираду беҳудаю беҳуда вориди арсаи баҳс нашавад, сад ман биандешад, то як ман ҳарф ба забон орад. Дӯст медошт сухан кӯтоҳ бо миёнҷигарии шоҳбайтеву мақолу ҳикмате карданро. Як навъ танҳогарде буд дар қаламрави илму адаб; диду фаҳму қазовати вежаи худро дошт, яъне дар муҳите дигар, муҳите, ки худ ороставу перостааст, бо боли хаёлоти рангину ширин парвоз дошт ҳамеша. Ва чун аз ин ҳама огаҳӣ дарёфтем, дигар вомегузоштем ӯро бо худу бо андешаҳояш, танҳо дар зарурат аз ин муҳит берун мекашидем ӯро…

Мо бовар доштем, ки ин ҳамсабақи «танҳову хомӯшамон»-ро фардо дар радифи аҳли илму адаби кишвар хоҳем дарёфт. Ва хушо, ки ғалат накардаем дар ин қазовати хушбинонаи хеш. Имрӯз Ӯрун Калонови мо бо тахаллуси Ворис (вориси ниёгони суханвару андешаманди хеш) дар саросари кишвар номвар асту дар ҳавзаҳои адабии бурунмарзии форсигӯён низ мақом дорад. Ҳамоно гиребонгири андеша аст, кам шеър мегӯяд, вале хубу сара мегӯяд, ҳадафгиру дилпазир мегӯяд. Каломаш берунҷаста аз доираи танҳоияш аст, дар ашъораш хаёлангезиҳои ҷаззоб, корбасти бамавриду ҳунармандонаи саноеи бадеӣ, бозёфтҳои лафзиву маънавӣ, нигоҳи тоза ба мавзуъ, ифодаву ибораҳои маънирез, алфози гӯшнавозу навпадид, ҷилои вожаҳои ноб зиёд ба мушоҳида мерасанд ва касро мафтуни каломи волои муқаффо мекунанд. Дар иртибот ба ин ҳама гуфтаҳо аз марзи эҷоди ӯ, аз китобҳояш «Рози бараҳнагӣ», «Ҷоми гӯё» ва «Дар чор фасли лаҳзаҳо» метавон далелҳое фаровон овард ва асрори танҳоиву хаёлангезиҳои ӯро ошкор кард. Ба ин пораи дардолудаву даъватгар аз ҳамон шеъре, ки дар ибтидо ёдовар шудем, таваҷҷуҳ биоваред:

*Чӣ кунам бо худу бо танҳоӣ?*
*Чӣ касе ояду ёрам бошад?*
*Чӣ ҳавое, ки нафас бикшояд?*
*Чӣ садое, ки сароям бошад?*
*Куртаи дарди маро пора кунед,*
*Синаамро бишикофеду бубинед*
*Хирмани оташи сӯзандаи ҷонам он ҷост.*

Ворис дар шеър сабку услуби хоси худро дарёфтаасту бештар таваҷҷуҳ ба маъниофаринӣ мекунад, суханро ба дарозо намекашад ва мекӯшад, ки бо пурбор кардани вожаҳо, пероиши ифодаҳои муъҷаз ва бо истифодаи тавонмандиҳои забони тоҷикӣ дар лафзи андак маънии бисёрро ҷой диҳад, чунончи, дар умқи шеъри «Гурез», ки ҳамагӣ се мисраъро фаро мегирад, маъние басо муассир ва ҳикматбор (ҳамбаста ба як воқеияти маълуми рӯзгор) ифода дарёфта, ки онро метавон дар ҳаҷми сӣ-чил мисраъ низ иброз дошт. Дар аксари нигоштаҳои Ворис зарфи маънӣ бузургтару фарогиртар аз зарфи шеър аст ва ин махсусияти меҳварии эҷодиёти ӯст. Ҳама бузургон ситоиши мухтасарбаёнӣ кардаанд ва каму кӯтоҳ гуфтанро ҷавҳари истеъдод хондаанд. Ҳикматест машҳур аз Низомии Ганҷавӣ:

*Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,*
*То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.*

Дар кулбори ашъори Ворис гарчи шеъри суннатӣ ҳам ба назар мерасад, хуб эҳсос мешавад, ки ӯ майли бештар ба шеъри сапеду озод дорад ва бо ин гуна набиштаҳояш дар рушди назми тоҷик ҳиссае шоиста мегузорад. Тақрибан тамоми ашъори сапеду озоди шоирро дар китоби «Дар чор фасли лаҳзаҳо» (алҳол китоби нисбатан комили ӯ) метавон ҳамчун кӯшиши пирӯзмандона дар ин бахш тавсиф бахшид. Ворис дар шеър вожаву ибораву ифодаҳои пазируфтаву баргузидаву мақбули худро (чун шабнами андуҳ, қафас, гург, имони сабз, ҳиҷоби розҳо, парвоз, чашма, андеша, дарахт, ситораи орзу, сапеда, ғубори сина, висол…) дорад, ки ҳузури онҳо дар чанд шеър нигоштаҳояшро маънаван иртиботе ба ҳам мебахшанд ва ба вусъати чамани маънӣ боис мегарданд. Чунин мушоҳида мешавад, ки шоир ба ҳар мавзуъ танҳо ҳангоме даст мезанад, ки сухани нав дошта бошаду гуфтаҳояш бо меҳру ихлосу самимият гиреҳ бихӯранд. Аз ин лиҳоз, ба мавқеи мавзуи дерини адабиётамон – ситоиши модар дар нигоштаҳои Ворис назар афканем, зуд дармеёбем, ки ҳунар метавонад ба мавзуи куҳна ҷомаи нав бипӯшонад ва маъниҳое тоза ба ҷилва оварад. Ҳасрати маҳрумӣ аз модар дар шеъри «Модар»-и шоир ҳамбаста ба фарорасии фасли баҳор (хушо, ки ҳама ҷо сабзу хуррам, вале дареғо, ки модар нест!) хеле ҷонгудоз ва таассуфбор аст:

*Модар,*
*Баҳор шуд.*
*Рӯзи ғамон гузашт,*
*Сармо дигар ба ҷисми ту бозӣ намекунад,*
*Дунё ба сони сандалиат хубу гарм шуд,*
Аммо
*Баҳори ту аз ҳам шикасту рехт.*
*Дар ҷисми хастаю бечораҳоли ту*
*Дигар баҳор нест.*

Мулоҳизоти моро аз ин лиҳоз қитъаи зер, ки барчида аз шеъри дигари шоир, ки боз ҳам «Модар» ном гирифта, тақвият мебахшад:

*Модари ман*
*Ҷонамози баргҳоро тоза мекард,*
*То малоик рӯ зи боғи мо натобад.*
*Модари ман аз раҳи худ хор мечид,*
*То ки мо хорӣ набинем.*
*Чодари номуси дунёро ба сар дошт…*
*Модари мушти пари ман*
*Чун кабӯтар*
*Дар ҳавои сабзи имон болу пар мезад.*
*Ӯ ба мо парвози покиро сабақ медод.*



Ба қавли маъруф, шахсияти эҷодкор ба эҷоди ӯ беасар намемонад. Модарномаи Ворис дар гӯшаи хотироти мо, собиқ ҳамсабақон, рухдодеро рӯшан мекунад, ки вобастагӣ ба ин мавзуъ дорад. Соли аввали таҳсиламон буд. Ворис ҳамарӯза пас аз анҷоми машғулиятҳо ба деҳаашон (воқеъ дар Ҳисор) мерафту субҳ бармегашт ва ин, албатта, душвориҳое барояш пеш оварда буд. Боре декани факултаамон, донишманди асил ва инсони шариф Мирзо Аҳмадов ба дарсгоҳи мо даромада, пас аз чанд эълон гуфт:

-Ҳамроҳи шумо Ӯрун Калонов ном донишҷӯ таҳсил мекунад. Донишҷӯи хуб, боодоб, ғайратманд. Аз ин рӯ, мо ба қароре омадем, ки ба ӯ дар хобгоҳи факултет ҷой диҳем. Ҳамчун мукофот ва подоши фаъолияташ.

Ҳама ба Ӯрун Калонов нигаристем ба нишони табрик. (Он солҳо на ҳамаи донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин буданду қисмате иҷоранишинӣ мекарданд). Ҳамсабақамон вазнин аз ҷо бархосту андешаманд ба декан арз дошт:

-Устод, ман аз ғамхорию дастгириатон мамнуну сипосгузорам, вале дар хобгоҳ зиста наметавонам.

Декан дар банди ҳайрат монд:

-Чаро? О, дигарон моҳҳо барои соҳиби хобгоҳ шудан даводав доранду то ба ректор арз мебаранд. Ту ҳар рӯз ба деҳа рафта меоӣ. Чӣ гап?

-Устод, ман ҳар рӯз ба деҳа ба назди модарам меравам, дар хизмати ӯ мешавам. Мутаассифона, дар хобгоҳ ман бо модарам буда наметавонам.

Дарсгоҳро чанд лаҳза хомӯшии том фаро гирифт. Дар чашмони декан, ки хеле марди раҳмдил буд, ашк ҳалқа зад. Ӯ як навъ худро ба даст гирифту садо баровард: -Бишин, писарам. Раҳмат ба ҳафт пуштат! Модарро ҳурмату эҳтиром бикунӣ, баракат меёбӣ.

Ворис чаҳор сол дар гармою сармо байни деҳаву шаҳр равуо дошт, ҳарчанд гаҳ аз ину он барои аз дарсҳо қафо монданаш гап мешуниду баъзан бемор ҳам мешуд, фараҳманд аз он буд, ки ҳамарӯза бо модар асту дасти ӯро мебӯсад, ҳарфи ҷонбахши ӯро мешунавад, хидматашро мекунад. Ҷавонмарде бо ин гуна сиришту сарнавишт, албатта, дар ситоиши модар сухани самимию табиӣ мегӯяд, сухане, ки «сар занад аз дил ба дил коре кунад».

Дӯсти соҳибдилу соҳибқаламми мо Ворис ҳамоно андешапарвару хушназар аст, дар ҷаҳони босафои хаёлоти рангини хеш устуворона қадам мезанад, кору эҷод мекунад. Ба назари зоҳирбин мардест танҳо, вале дар асл ботинан бо ҳамагон аст, бо дӯстону пайвандон, бо ҳамкорону аҳли эҷод, бо Ватани маҳбуб…

***Абдурауф МУРОДӢ***

# Маҳбуби ҳамагон

Яке аз омӯзгорони фидоие, ки тамоми умр баҳри рушди соҳаи маорифи шаҳри Бӯстон хизматҳои шоиста кардааст, Лолахон Қурбонова мебошад. Ӯ ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил намудан дар дил меҳри касби омӯзгориро мепарварид. Ҳамин буд, ки баъд аз хатми мактаби миёнаи №1, шаҳри Конибодом ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М. Киров (ҳоло ДДХ ба номи Б.Ғафуров) дохил гардида, соли 1987 онро сарбаландона хатм намуд. Солҳои 1987-1995 дар мактаби миёнаи №3-и ноҳияи Мастчоҳ ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намуд. Аз соли 1996 дар мактаби таҳсилоти



миёнаи умумии №5 (ҳоло литсейи №1 -и шаҳри Бӯстон) ба ҳайси омӯзгор ва аз соли 1998 дар вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия фаъолият намуд.

Донишу истеъдоди баланд, серталабӣ, масъулиятшиносӣ, эҳтироми омӯзгорон ва шахсияти шогирдон ва хислатҳои наҷиби инсониашро ба инобат гирифта, ӯро соли 2006 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3 -и шаҳри Бӯстон ба вазифаи директори мактаб таъйин намуданд. Аз соли 2016 вазифаи сармутахассиси бахши шаҳрии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи назди шуъбаи маорифи шаҳри Бӯстонро ба уҳда дошт. Аз соли 2019 дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи маориф фаъолият намуд. Дар замони роҳбарии ӯ мактаби миёнаи умумии №3 ҳамчун яке аз таълимгоҳҳои пешсафи шаҳр эътироф гардид.

Лолахон Қурбонова бонуи ташаббускору донишманд, навпардозу навҷӯ мебошад ва ҳамеша баҳри рушди соҳаи маориф саъйю талош меварзад. Барои меҳнатҳои софдилона ӯро соли 2009 бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ намуданд. Хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили меҳнатдӯстиву ватандӯстӣ, дӯстиву рафоқат дар замири ӯ нуҳуфтааст. Тамоми фаъолияти кориашро баҳри тарбияи ватандӯстии ҷавонон, бомаърифат намудани онҳо сарф намудааст. Аз ин ҷост, ки ӯро чун омӯзгори ҳалиму хоксор, накукор, тарғиботчии бомаҳорату пухтакор хуб мешиносанд ва ҳурмат мекунанд.

Ҳар шахс метавонад аз таҷрибаи бузурги ҳаёташ ҳикматеро ба касе омӯзад. Лолахон Қурбонова шогирдони бисёреро тарбия намудааст, ба мутахассисони ҷавон ёрии методӣ ва кумаки худро дареғ намедорад, ҳамеша маслиҳатчии беминнати онҳо мебошад.

***Л. УМАРОВА,***
***омӯзгори литсейи №1,***
***шаҳри Бӯстон***

Дар шаҳри Душанбе конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Бехатарии обӣ – асоси рушди устувор» баргузор шуд.

ГУЛБОҒИ АДАБ

# Ҳавзаи адабии Раштонзамин

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Номи миллатро аслан фарзандони бо нангу номусаш зинда медоранд. Ва ҳар боре бо роҳи паймудаи миллати хеш бо чашми хирад назар афканем, мебинем, ки бузургони мо дар ҳар давру замон чун ҳалқаи як занҷир бори миллатро ба дӯши хеш кашидаанд».

То нимаи дуюми асри ХIХ мулки Рашт (Қаротегин) чун мулкҳои Дарвоз, Кӯлоб, Ҳисору Уротеппа (Устравшан) давлати алоҳидаи феодалӣ буду дар он сохти шоҳӣ хукмрон. Вай ба давлатҳои нисбатан мутамаркази аморати Бухоро, хонигарии Қуқанд ва Хива тобеъ набуд.

Танҳо соли 1877 амири Бухоро Музаффархон ба Бухорои Шарқӣ лашкар кашида, Рашт, Дарвоз ва Кӯлобро ба итоати худ даровард. Мардуми заҳматкаши ин сарзамин дар баробари ба кишоварзӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул шудан, аз илму ирфон ва фарҳанг бохабар буданд. Ҳанӯз аз нимаи аввали асри ХVI дар Раштонзамин маҳфилҳои адабии фарҳангӣ арзи вуҷуд доштанд. Бадии кор дар он буд, ки дар он замон коғазу хома дар ин мулки дурдаст хеле камёфт буд, гирдоварии мероси адабӣ ба китобат набуд. На ҳар он чи ки сари сандалӣ эҷод мегардид, дастраси дигарон мешуд. Баъди сари муаллиф аксаран чакидаҳо ва хомаҳо ба боди фаромӯшӣ мерафтанд.

Эҳтимол аз ҳамин сабаб бошад, ки то имрӯз ҳамагӣ номи 40-45 нафар соҳибдевони он замонҳо маълум аст.

Дар дарёфт кардани девон ва ашъори адибон ва шоирони кӯҳистонӣ хизмати муҳаққиқ А. Ҳабибов хеле калон аст. Ӯ намунаҳои ашъори онҳоро дар китобаш «Ганҷи парешон» (Нашриёти «Ирфон», соли 1984) гирд овардааст.

Шоирону адибони маълуми асри ХVI- ХХ ин водӣ Мавлавии Ҷомии Сонӣ (Ҷоми ибни Камолиддин), Гулханӣ (Мулло Муҳаммадшариф), Ғармӣ (номи аслиаш Абдураҳим), Хазонӣ (Мирзо Сафар Муҳаммад), Додӣ (халифа Худойдод), Шоҳиди (Аҳвадидин), Обидин Муҳаммаизода, Ғабро, Зайниддин, Сайфулло (писари Хазонӣ), Абусаид, Малеҳо, Самеъо, Насимӣ (Мирзо Абӯ Саид), Саид Аҳмад Абдураззоқ, Абдулваххоб, Абдулхайр, Ҳофизи Ғармӣ, Мулло Давлат, Оқил (Одина Муҳаммад ибни Мирсаидоқил), Шарифхоҷаи Кӯҳистонӣ ва чанде дигарон мебошанд.

Дар охири асри ХIХ ва асри ХХ сулолаи дигари раштониҳо Эшони Малех (номи аслӣ Абдурофеъ), Домулло Искандар, Мирзо Ёқуб, Абдуллоҳ, Саъдӣ ва чанде дигарон дар рушду равнақи маҳфилҳои адабию фарҳангии ин сарзамин ҳиссаи арзанда гузоштанд.

Шоири маъруфи халқи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ ҳанӯз соли 1940 дар мақолааш «Шоирони кӯҳистонӣ» чунин навиштааст: «Маҳалхо ва тазкираҳоро ҷӯстуҷӯ карда, зинда гардонидани номи шоирони кӯҳистони тоҷик ва омӯхтани эҷодиёти онҳо яке аз вазифаҳои муҳими мо ходимони адабиёти Тоҷикистон мебошад».

Аз шоирони он давра Ғармӣ, Ҳаҷрӣ, Ғабро, Бухорӣ, Абдулҳай, Мавлавӣ, Ҷомӣ, Сонӣ, Ҳофизи Ғармӣ, Шарифхоҷаи Кӯҳистонӣ, Домулло Искандари Ғармӣ, Абулҳайи Муҷахарфӣ ва чанде дигарон девонҳои ашъор ёфт карда шуданд.

Масалан, аз Ҷомӣ ибни Камолиддин маснавии «Маҳзари кул» дар 7 нусха дар Академияи улуми Ӯзбекистон маҳфуз мебошад. Шоир таълифи ин маснавиро соли 1701 ба анҷом расонидааст.

Шоири дигари ҳамзамони Ҷомӣ – Одина Муҳаммад ибни Мирсайдоқил, ки бо тахаллуси Оқил машҳур аст, соли 1870 дар радифи маснавии «Маҳзари кул» асари шарҳдиҳандаи худро бо номи «Возеъул- баён» таълиф кард, ки нусхаҳои он ҳам мавҷуд мебошанд.

Шоири дигар Ҳаҷрӣ (Мирзоазизбек) нисбат ба ҷабру ситам ва зиндагии бемаънои замони худ чунин сатрҳо дорад:

*Андар ин рӯзгори бемаънӣ*
*Будам аз шуғли хеш боз малул.*
*Рӯзи васлам бо шоми ҳаҷр афтод,*
*Оҳ, аз ин рӯзгори номаъқул.*

Аз Ҳаҷрӣ девони ғазалҳо боқӣ мондааст, ки аз 4235 байт иборат мебошад.

Шоири хушсалиқа ва борикбин Ранҷа (Сафо Ашӯрзода 1746-1821) дар асри ХVIII умр ба сар бурдааст. Аз ӯ девоне ба мерос монда, ки иборат аз 3688 байт иборат мебошад. Ба девон «Маҷмеъ-ул- баҳрин» ном гузошта бошанд ҳам, аз рӯи мундариҷаш бештар мавзуи шикоят аз зиндагиро дар бар гирифтааст. Худи Ранҷа онро «Шикоятнома» номидааст. Дар девон ғазал, маснавӣ, қитъа, соқинома ва рубоиёт гирд оварда шудааст, ки кас аз қироати онҳо вазниниҳои ҳаёт ва нобаробарии одамони ҷамеаи феодалиро дарк мекунад. Дар ин бора шоир чунин навиштааст:

*Дарди дил моро хамири хом гардонидааст,*
*Ҷумаки заҳраш ба мо дар ком*
*гардонидааст.*
*Нӯши ишратҳо ҳама хӯрдану мо талхоби*
*заҳр,*
*Аз насиби мо ҳамон дар ҷом гардонидааст.*
*Компониҳо умедам буду гаштам ноумед.*

Як гурӯҳи дигари шоирон на танҳо ҳаёти талхи давраи феодалии кӯҳистонро дар шеър, ғазал, қиссаҳо навиштаанд, балки тахаллуси худро ба замона мувофиқ интихоб кардаанд. Аз ин қабил шоирон Соҳиббадал мебошад, ки бо тахаллуси «Хундил» маълум аст.

Дар ин мавзуъ ӯ чунин навиштааст:

*Гарчи рафтам пургаму ранҷу маломат аз*
*ғамат,*
*Захми доғи ҳасратам бар синаам носур*
*монд.*
*Гарчи мо рафтем пурҳасрат бо ғам аз*
*ҳусну ишқ,*
*Чанд сатр аз мастари ғам дар ҷаҳон*
*машҳур монд.*
*Пурғаму ранҷу маломат дар сари*
*савдои ту*
*Ҷони «Хундил» рафту чашмам пур зи хоки*
*гӯр монд.*

Шоири дигари ин сарзамин Муҳаммадраҳим ибн Муҳаммадҷон бо тахаллуси Ғармӣ машҳур аст. Ӯ девоне иборат аз 7184 байт дорад. Дар девонаш шоир асосан ғазалҳоиши китобат кардааст.

Гарчанде вай мударриси мадраса буду зиндагии хуб дошт, аз зиндагии замона норозӣ буд.

Яке аз эътирозҳои Ғармӣ дар шеър чунин ифода ёфтааст:

*Омад замона бар сари мардум забун*
*шуданд.*
*Аз рӯи эҳтиёҷ ҷигар пур зи хун шуданд.*
*Якчанд рӯз гаштанд соҳибривоҷи даҳр,*
*Карданд нумуву зери фалак сарнагун*
*шуданд…*
*Аз ҷаврҳои ин фалак дарди дарун шуданд.*

Шоирони раштонӣ дур аз воҳаҳо зиндагӣ доштанд, вале оламбин буданд. Инро аз мисраъҳои зерини Ҳаҷрӣ (Мирзоазизбек) тасаввур кардан мумкин аст:

*Бар дари Фарғона дӯш моҳрухе дидаам,*
*Рашки ҳури оразаш бурд зи дил сабру тоб.*
*Ба хубони Хуҷандӣ гӯшаи чашме*
*намесозам,*
*Ки ҷону дил бувад муштоқи туркони*
*Самарқандам.*

Ҳаҷрӣ мероси бою рангине дорад, ки шоистаи пажӯҳиши махсус аст.

Хазонӣ низ аз шоирони номвари Раштонзамин мебошад. Дар бораи ашъори Хазонӣ шоири Самарқандӣ Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар китобаш «Туҳфат – ул – аҳбоб» чунин навиштааст: «Хазонӣ аз садоти вилояти Қаротегин марде буда олим ва мутасаввуф, дар назми ашъор низ салиқаманд аст. Дар авоил «Вола» тахаллус намуда, чун овозаи Волаи Самарқандиро шунида, худро ба «Хазонӣ» мавсуф гардонида, ашъораш софу ҳамвор аст».

Ҳаҷрӣ ва Насимӣ (ҳамватанони ӯ) Хазониро устоди худ медонистаанд ва ҳарду баъди фавташ дар мадҳи ӯ қасидаҳо эҷод намудаанд.

Боз як шоири машҳури кӯҳистони Рашт Гулханӣ (Мулло Муҳаммадшариф) мебошад. Гулханӣ дар соли 1703 дар оилаи деҳқони камбағал дар деҳаи Булқос ба дунё омадааст. Зиндагии хеле вазнин дошт.

Шоир аз замона шикоят карда навиштааст:

*Ҳазратум, ай гушнагӣ мурдум, муна*
*нунам бдеҳ,*
*Кофирам, гӯем дигар инам бдеҳ унам бдеҳ.*
*Гандуму мошу биринҷам деҳ, ки даркорм*
*ҳамуст.*
*Ман намегуюм ақиқу лаълу марҷонум*
*бдеҳ.*

Зиндагии қашшоқона шоирро маҷбур карда, ки барои дарёфт намудани ризқу рӯзӣ ба Фарғона равад. Дар Фарғона дар дарбори хонҳои Қӯқанд Олимхон ва баъдан Умархон ба ҳайси навкар (афсар) хизмат мекунад.

Поёни умри Муҳаммадшарифи Гулханӣ дар Қӯқанд гузашта, ба даврони ҳукмронии Муҳаммадалихон (1822-1842) рост меояд. Ин амири бетадбир ба қатли Гулханӣ фармон додааст. Вафоти шоир ба ҳамин тариқ солҳои 1826-1827 иттифоқ афтодааст.

Шоир дар ғарибӣ ба навиштани ғазалҳо, рубоиёт ва китъаҳо машғул мешавад.

*Эй бути ширинлабу симинтану*
*рангинқабо,*
*Пой то сар ҷилваи макру фану нозукадо.*
*Маҳзари ҷавру ҷафову зулм, ҳам*
*бедоду кин,*
*Дар сипеҳи дилрабоӣ моҳи бемеҳру вафо.*
*Мубталои холу зулфу оразу чашми ту буд*
*Ҳиндуву кашмирию румию туркони хито.*

Фазлии Намангонӣ дар тавсифи Мулло Муҳаммадшариф Гулханӣ ғазали тарҷумаҳолӣ навишта, онро чунин оғоз намудааст:

*Хушо, Гулханӣ шоири пурфан аст,*
*Чӣ гулхан, ки зеботар аз гулшан аст…*

Т. Қаюмов дар китоби «Таърихи адабиёти Қуқанд» ва В. Абдуллоев дар китоби «Таърихи адабиёти ӯзбек» ба фаъолияти шоирии Гулханӣ баҳои баланд дода, ӯро устоди назм донистаанд.

**(Давом дорад)**

***Сайфиддин ШАРИФЗОДА,***
***мутахассиси пешбари шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе***

СИМО

# Меомӯзад, то биомӯзонад

Омӯзгор мисли боғбонест, ки солҳо ранҷ мекашад, то ниҳолаке ба дарахти тануманду борвар бадал гардад. Вақте мебинад, ки хидматаш бар абас нарафта, натиҷаи талошҳояш чашмрасанд ва аз самари онҳо аҳли ҷомеа манфиат мебинад, сари ифтихор боло мекунад.

Рӯзигул Раҳмонова қариб панҷоҳ сол боз ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст. Дар ин муддат ҳазорон шогирдро тарбият намуда, дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии эшон нақши босазо гузоштааст. Бобову падараш аз фозилони замони худ буданд, ки ин дар руҳияи Рӯзигул Раҳмонова таъсири хешро гузошта. Рӯзигул пас аз хатми дабистони зодгоҳ дар Донишкадаи педагогии Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров), факултети химияву биология идомаи таҳсил кард ва аз беҳтарин устодони ин соҳа илм омӯхта донишу худро такмил дод. Соли 1974 донишкадаро бо баҳои аъло хатм кард ва бо сари баланд ба зодгоҳаш баргашт. Фаъолияти меҳнатиро дар мактаби ба номи Умари Хайём оғоз намуд. Мисли дарёи хурӯшон ҷӯш мезад ва ҳамеша дар такопӯ буд, бо тамоми ҳастӣ талош мекард, то ҳарчи бештар хонандагонаш илму дониш гиранд. Соли 1976, ки ҳамагӣ ду сол таҷрибаи корӣ дошт, дар озмуни умумииттифоқӣ ширкат варзид ва ғолибиятро ба даст оварда, аз тарафи Вазорати маориф ва иттифоқи касабаи Шуравӣ қадршиносӣ гардид. Ин саодат натиҷаи кӯшиши пайгирона, талошҳои ҳамешагӣ ва ҷасорати беназираш буд. Соли 1994, бо дарназардошти донишу маҳораташ, ӯро ба гимназияи №7-и ноҳияи Ашт ба кор даъват карданд ва тӯли 20 сол шогирдонро илм омӯхтаву дар руҳияи хештаншиносиву худогоҳӣ тарбият намуд. Айни замон дар мактаби хусусии "Нури Раҳмон" ба тарбияти наслҳи наврас машғул аст ва ҳамасола шогирдонаш дар озмуну олимпиадаҳо сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Чанде қабл даври ҷамъбастии озмуни Академияи хурди илмҳо баргузор гардид, ки дар он шогирдони Рӯзигул Раҳмонова дар номинатсияи химияву биология сазовори ҷойи аввал гардиданд.



Рӯзигул Раҳмонова ба зиндагии ҳафтодсола ва фаъолияти қариб панҷоҳсолааш менигарад ва бо ифтихору ризоият табассум мекунад. Зеро аз пешаи интихобнамудааш ҳеҷ вақт пушаймон нест. Садоқат ба ин касб буд, ки ду фарзандаш низ бо тавсияву роҳнамоии модар пешаи омӯзгориро интихоб карданд.

Имрӯз шогирдонаш дар бахшу самтҳои гуногун фаъолият менамоянд ва рисолати як омӯзгори асил ҳамин аст, ки оянда шогирдонаш мунаввар бошад.

Муаллим барои ҳар шогирд на камтар аз падару модар аст. Зеро муаллим баробари илму дониш ва малакаву маҳорат дар дили шогирдонаш тухми меҳру муҳаббат ва садоқату самимият мекорад. Дар ҳама ҷо шогирдонаш аз Рӯзигул Раҳмонова бо муҳаббат ёд мекунанд, чунки омӯзгорест асил ва тарбиятгарест ростин.

***З. АРАБОВА,***
***номзади илмҳои тиб,***
***Б. ТЕМИРЗОДА,***
***муаррих***

ТОЗАНАШР

# «Забон ва истилоҳот» нашр шуд




Дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст соҳиби маҷаллаи худ бо номи «Забон ва истилоҳот» гардид. Маҷалла илмӣ – оммавӣ буда, бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (ҳар се моҳ як маротиба) нашр мегардад.Маҷалла бо сарсухани муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён шуруъ гардидааст. Номбурда зимни шодбоши ҳайати таҳририя ва кормандони он ба шумораи нахустини маҷалла афзудааст: « … ин маҷаллаи илмию оммавӣ… чиҳати нашри муҳимтарин дастовардҳо доир ба забон хизмат карда, дар рушду густариши забони тоҷикӣ чун таблиғгари муҳим ба шумор меравад».

Маҷалла дар ду фасл – сиёсати давлатии забон ва назарияи забон ва истилоҳшиносӣ тақсимбандӣ шуда, фарогири ҳаҷдаҳ мавод аст, ки ҳама ба масъалаҳои умдаи забони тоҷикӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, маҷалла зери боби «Вожанома» калимаву истилоҳоти наверо, ки Шурои ҷумҳуриявии ҳамгунсозии истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, ба табъ расондааст.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

Аз 14 то 18 октябр Тоҷикистон мизбони Бозиҳои 16-уми Делфии ҷавонони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мегардад.

РОБИТА

# Аз ситоиши ваҳдат то шеваҳои нави таълим

Тайи чанд моҳи охир ба идораи нашрияи «Омӯзгор» номаҳои зиёде ворид гардид, ки мухтавои ин навиштаҳо асосан ба мавзуи васфу ситоиши ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, омӯзгори МТМУ №8-и шаҳри Гулистон Д.Қосимова дар матлаби худ таҳти унвони «Биё, шукрона кунем, эй ҳамватан» нақшу рисолати таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистонро ба таври махсус қайду ситоиш кардааст. Аҳамияти мондагори ваҳдати миллиро дар рушду пешрафти кишвар донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Робиямоҳ Қиёмова дар мақолаи «Ваҳдат-ҳастии миллат ва рукни асосии пешрафти ҷомеа» таъкиду хотиррасон карда, тарғиби ин падидаи таърихиро дар муассисаҳои таълимӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи омӯзгорону устодон мешуморад. Ҳамин андеша дар навиштаи директори Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Кӯлоб Саодат Абдулҳакимзода –«Андар ин олам ҳаёт аз ваҳдат аст» ифодаи худро ёфтааст. Муаллиф дар зимн аз фаъолияти китобдорони китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ва саҳми босазои онҳо дар ташкилу баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва бадеӣ доир ба иду ҷашнҳои таърихӣ, аз ҷумла, ваҳдати миллӣ мисолҳои ибратбахш овардааст. Дар навиштаҳои кормандии илмии Осорхонаи ба номи Абубайдуллоҳи Рӯдакӣ Зебинисо Пӯлотова –«Истиқлолият – неъмати бебаҳо», дотсенти кафедраи таърихи Ватан ва археологияи ДДХ ба номи академикБ.Ғафуров Сафар Эркаев –«Истиқлолият – падидаи нодири таърихӣ», сарвари гимназияи иқтисодии шаҳри Душанбе Рухшона Мирзоева –«Ҳар даму ҳар рӯзи некат ҷашни Истиқлол бод!» сабабу омилҳои рушду тараққии ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба таври равшану возеҳ инъикос ёфтаанд.

Омӯзгорони забони русии литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Малика Бобоева ва Амина Абдураҳимова дар мақолаи



«Нурест ба дидагони мо Истиқлол» дар хусуси равнақу ривоҷ ёфтани сохтмони иншооти гуногун ва дар умум, раванди бунёдкории тайи солҳои соҳибистиқлолӣ муфассал ҳарф зада, ҳамаи ин тағйироту дигаргуниҳои ҷашмгирро аз баракату шарофати сулҳу ваҳдат медонанд. Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии ДҶТИБКСМ Б.Неъматова дар матлаби «Ваҳдат-пойдевори миллати куҳанбунёди тоҷик» бо истифода аз ашъори нобу баландгояи классикони адабиёти форсу тоҷик ва муосир аҳамияти сулҳу озодӣ ва ваҳдату ягонагиро дар кулли чабҳаҳои зиндагӣ баён намудааст. Омӯзгор аз ноҳияи Ёвон Р.Зубайдуллоев дар «Меваи бебаҳо» ном навиштаи худ аз сулҳу ваҳдат сухан карда, ҳамзамон, аз фаъолияти аҳли маорифи ноҳия, ки баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишазхудкунии хонандагон саъйю чадал менамоянд, ёдовар мешавад. Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Шамсиддини Қудрат дар иртибот ба мавзуи ваҳдати миллӣ аз воқеаҳои талху гамангезе ҳарф мезанад, ки бо шуруи ҷанги дохилӣ одамон дар ду сангар ҷой гирифта, ба ҳам душманӣ меварзиданд. Афсӯс ки ин мақола қаблан дар нашрияи дигаре ба табъ расид ва ба ин хотир аз чопаш худдорӣ намудем.

Ҳамин тавр, дар навиштаҳои дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров М.Собиров, номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан Муним Ҳасанов, омӯзгорони ММТҲ №15-и шаҳри Душанбе С.Ғаффорзода, муассисаи таҳсилоти миёнаи №14-и ноҳияи Дангара Шукрона Олимова, Қурбоналӣ Ватан (як шеър) ва Маркази иттилоот ва таҳлили ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ваҳдат ва сулҳу озодӣ бо сабку шеваҳои гуногун мадху васф карда шудаанд, ки мо ба ин муаллифон миннатдории хешро самимона баён мекунем. Матолиби ирсолнамудаи корманди Осорхонаи ба номи А.Рӯдакии шаҳри Панҷакент Насиба Зоирова ва директори муассисаи таҳсилоти иловагии раёсати маорифи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Ҳайдар Ҳайдарзода, ки ба масоили тарбияи худшиносӣ ва ҳуввияти миллии насли наврас ва ҷавонон дар заминаи осори безаволи Одамушшуаро Рӯдакӣ ва «Тоҷикон»-и алломаа Бобоҷон Ғафуров бахшида шудаанд, ҷолиб буда, андешаҳои волои муаллифонро дар бар гирифтаанд. Як идда маводи иншонамудаи устодону омӯзгорон аз шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ масоили сабку шеваи таълим дар дарсҳо, кору пайкори омӯзгорони соҳибтаҷриба ва заҳматкаш, истифодаи технологияи замони муосир дар машғулиятҳо, омӯзиши забонҳои англисию русӣ ва ғайраро дар бар гирифта, муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки нуқтаи назари худро доир ба сифати китобҳои дарсӣ ва дигар мушкилоти соҳаи маориф баён намоянд. Мақолаи омӯзгори МТМУ №84-и шаҳри Ҳисор Ҷамолиддин Ҷалолиён –«Мавқеи омӯзгор дар ҷомеа», номзадҳои илм, дотсентон А.Шоев, М.Саъдуллоев ва омӯзгор И.Валиев –«Маърифати экологӣ: роҳҳои расидан ба он» (кадом донишгоҳ ё донишкада буданаш маълум нест), омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ Н.Бобоев –«Методика ва усулҳои корбарӣ дар муассисаҳои таълимии кӯдакони нобино ва сустбин» пурмуҳтаво ва ҳадафманд буда, ину он паҳлуи таълиму тадрисро бо шеваю тарзҳои нав дар бар гирифтаанд. Омӯзгорони К.Т.Ф.Т. (исме аҷиб, шарҳаш ку?!) Ҳабибулло Хидиров ва Гулдаста Қаландарова суханони бузургонро дар бораи аҳамияту нақши фанни математика дар ҳаёти инсон гирд оварда, ба нашрия фиристодаанд. Бояд хотиррасон кард, ки ҷумлаҳои тарҷумашуда таҳрирталаб буда, дар онҳо маъниву мақсад муштаҳасу муайян ифода наёфтааст. Навиштаҳои рӯзноманигор аз шаҳри Ваҳдат Маҳмадмуроди Сайдалӣ дар хусуси фаъолияти густардаи омӯзгори мактаби №71 Дилафрӯз Розиқова ва нафақагир, собиқадори соҳаи маориф Б.Маҳмадов перомуни масоили ҳалталаб ва мушкилоти соҳаи маориф низ ҷолибанд. Мақолаҳои сардори шуъбаи методии Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Кӯлоб Заррина Оқилова –«Нақши китоб, китобдор ва китобхона дар баланд бардоштани маънавиёти ҷавонону наврасон», мудири муассисаи томактабии №7-и ноҳияи Кӯшониён Мадина Сафарова –«Хона ва кӯдакистон – аввалдабистони муҳими пешазмактабӣ» (мутаассифона, қабл аз нашрияи «Омӯзгор» ин мақола дар дигар нашрияи ҷумҳуриявӣ чоп гардид) ва омӯзгори МТМУ №25-и шаҳри Кӯлоб С.Ятимова –«Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – раҳнамои довталабон» ба нашрия ворид гардидаанд, ки аз муаллифони ин навиштаҳо сипосгузорем.

**Дар хатми навиштаамон чанд андешаву дархости худро барои боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати мақолаю матолиби муаллифон иброз доштанием, ки аз манфиат холӣ нест. Дар мақолаҳо бояд андешаҳои наву тоза, пешниҳоди тарзу шеваҳои то чое намунавию омӯзандаи омӯзгорон хангоми гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ, таҳлилҳои ҷиддии масоили мухталифи соҳа, нақли рангину диққатҷалбкунандаи як лаҳзаи фаъолияти омӯзгорону устодон ва амсоли инҳо дар меҳвар қарор дода шавад. Дар боби ҷашну санаҳои таърихӣ матлаб иншо намуда, аз суханони умумии борҳо гуфташуда худдорӣ бояд кард. Мутаассифона, аксари навиштаҳои ба истилоҳ «ҷашнию идона» маҳз ба ҳамин сабаб рӯйи чопро надиданд. Атрофи ҳаҷми мақолаҳо борҳо гуфтему дафъатан таъкид ва хотиррасон мекунем, ки навиштаҳо ихчам, муҷаз, муштаҳас ва ҳадафманд бояд бошанд. Вақти навиштан нишонаи худро, омӯзгорони азиз, ба гунаи пурраю комил сабт намоед, то ба кормандони нашрия мушкил эҷод нашавад.**

Боқӣ, ба шумо, ҳамкорони доимии нашрия, муваффақиятҳо орзу намуда, номаҳои тозаатонро интизорем!

***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

ГИРОМИДОШТ

# Забони давлатӣ ва истиқлоли миллӣ

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон конференсияи илмӣ таҳти унвони “Рушди забони давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардид. Дар конференсия олимону донишмандон, забоншиносон иштирок ва суханронӣ карданд.

Ректори донишгоҳ, профессор Муъмин Шарифзода иштирокчиёни ҳамоиши илмиро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ шодбош намуда, иброз дошт, ки ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати донишгоҳ бо ташкили конференсияи илмӣ бори дигар арзи эҳтироми самимии аҳли донишгоҳро ба ин муқаддасот ифода месозад. Масоили забону фарҳанг чузъи чудонопазир ва рукни муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба хотири рушду такомул бахшидани арзишҳои моддию маънавӣ ва гиромидошти рукнҳои муҳими давлатдорӣ пайваста тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани чандин санади муҳими давлатӣ, муқаррар шудани Рӯзи забони давлатӣ ва ба фехрасти ҷашнҳои умумимиллӣ ворид гардидани он ба аҳли ҷомеа бори дигар истиқлолияти забон ва мақоми давлатӣ ёфтани онро таъкид мекунад.

Дар идомаи конференсия як зумра олимону забоншиносони кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ доир ба рушду нумӯъ, таҳаввул ва тозагии забони тоҷикӣ изҳори андеша намуданд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА, Сино ҒАФУРӢ, шаҳри Хуҷанд***

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №001298 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1997 гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А. С. Пушкини ноҳияи Рӯдакӣ ба Набиев Шерали Ғафурҷонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи ШТС №0075404 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 ба номи Садриддин Айнии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Халикова Ширин Ҳакимовна додааст, эътибор надорад.

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА
Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. Навбатдори шумора Н. ОХУНЗОДА

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.